ДАВЛАТ БОЛТАЕВ – ЧЕМПИОНИ «IBA.PRO INTERCONTINENTAL» с. 15

САРМОЯГУЗОРИ ТОҶИК ДАР ФАРҒОНА КОРХОНА МЕСОЗАД с. 3

ДУХТАРЕ, КИ “ДОИШ”-РО РОҲБАРӢ МЕКАРД с. 4

ТОҶИКИСТОН

№30 (1643), 23.07.25 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якҷост! Оғози нашр соли 1992



ПРЕЗИДЕНТ ДАР ҲАМАДОНӢ

Иқдомҳои созанда дар арафаи ҷашни миллӣ





ДАР ИН ШУМОРА:

ИЛЁС ИДРИСЗОДА:
Ҳаҷ баъди нафақа раванд — с.3

ЧИЛУЧОРЧАШМА
Ба «Бинокорон» кӯчид? — с.5

САҲНАИ ХОМӮШӢ
Рӯзи марги Аҳмад Зоҳир — с.6

ҚАРЗДОРОНИ КАЛОН
Кумитаи андоз онҳоро ошкор кард — с.7

ДАР ТАРБИЯИ САГҲО
Писарбачае, ки ҷаҳонро ба ҳайрат оварад — с.4

ШОДМОН ЮСУФ
Раиси нахустини Ҳизби демократ даргузашт — с.14

ПЕТР СЕГРТ
Сабаби тарки Тоҷикистонро гуфт — с.10

САРФАКОРӢ ВА ХАСИСӢ
Фарқ миёни ин ду чист? — с.7

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА,
муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,
президенти АМИТ

Шералӣ КАБИР,
Вазири саноат ва технологияҳои нави ҶТ

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон.

Носирҷон САЛИМӢ,
академик

Рафаэл НЕКТАЛОВ,
сармуҳаррири рӯзномаи "The Bukharian Times"

Масъуди МИРШОҲӢ,
раиси Бунёди Рӯдакӣ (Порис)

Шариф РАҲИМЗОДА,
доктори илми иқтисодӣ, профессор

Урватулло ТОИРОВ,
доктори илми филология, профессор

Тамара МОСКАЛЁВА,
нависанда (ИМА), зодаи Тоҷикистон

Гулсифат ШАҲИДӢ,
нависанда

Иноят ИНОЯТОВ,
ҳуқуқшинос

Фирдавс САТТОРОВ,
саҳифабанд

МУАССИС:
Ҳайати кормандони ҳафтанома


Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/Р3 сабти ном шудааст.
Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

ТЕЪДОДИ НАШР:
33 000 нусха.



ТОҶИКИСТОНУ МУҒУЛИСТОН

аз мулоқоти расмӣ то ҳамкориҳои иқтисодӣ

САФАРИ ДАВЛАТИИ ПРЕЗИДЕНТИ МУҒУЛИСТОН УХНААГИЙН ХУРЭЛСУХ БА ТОҶИКИСТОН, КИ АЗ 23 ТО 26-УМИ ИЮЛИ СОЛИ 2025 ИДОМА ХОҲАД КАРД, ҚАДАМИ МУҲИМ ДАР РАВОБИТИ ДУҶОНИБАИ ТОҶИКИСТОНУ МУҒУЛИСТОН АРЗЁБӢ МЕШАВАД. ИН САФАР, КИ БО ДАЪВАТИ ПРЕЗИДЕНТИ МАМЛАКАТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН СУРАТ МЕГИРАД, ДАР БАРОБАРИ АҲАМИЯТИ СИЁСӢ, ЗАМИНАҲОИ НАВИ ҲАМКОРИҲОИ ИҚТИСОДӢ ВА ФАРҲАНГИРО БА МИЁН МЕГУЗОРАД.



Қурбон Ҳакимзода, вазири кишоварзии Тоҷикистон бо Сафири Муғулистон дар Тоҷикистон Доржийн Баярхуу

МУНОСИБАТҲОИ СИЁСӢ - АСОСИ ҲАМКОРӢ

Муносибатҳои дипломатии Тоҷикистону Муғулистон ҳанӯз аз ибтидои солҳои 1990-ум оғоз гардидаанд. Дар ин муддат, бо вуҷуди набудани сарҳади мустақим ва масофаи дур, ҳамкориҳо дар сатҳи баланди сиёсӣ нигоҳ дошта шудаанд. Аммо ба андешаи соҳибназарон, сафари Президенти Муғулистон бори дигар нишонаи таваҷҷуҳи ҳар ду ҷониб ба таҳкими ин робитаҳо мебошад.

Яке аз паҳлуҳои муҳими ин сафари давлатӣ мулоқоти расмии саронии ду кишвар ва имзои як қатор санадҳои ҳамкорӣ аст. Онҳо метавонанд ба густариши муносибатҳои тиҷоратӣ, иқтисодӣ ва сармоягузории ду кишвар замина гузоранд. Маврид ба зикр аст, ки соли 2009 Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба Муғулистон сафари давлатӣ анҷом додааст.

ФУРСАТИ НАВ БАРОИ ГУСТАРИШ

Бино ба иттилои Агентии омори назди Президенти Тоҷикистон, гардиши молу маҳсулот байни Тоҷикистон ва Муғулистон дар 5 моҳи аввали соли равон ҳамагӣ 172 ҳазор долларро ташкил додааст. Ин рақам ҳанӯз нишондиҳандаи сатҳи поёни робитаҳои тиҷоратӣ мебошад ва барои рушди минбаъда имкониятҳои бузургро боз мекунад.

Форуми иқтисодӣ, ки рӯзи 24-уми июл дар меҳмонхонаи "Hyatt Regency" дар Душанбе баргузор мешавад, талоши ду ҷониб барои таҳкими равобити иқтисодӣ аст. Иштироки беш аз 60 ширкати бонуфузи Муғулистон ва сармоягузорони Тоҷикистон дар ин форум нишон медиҳад, ки ба рушди ҳамкорӣ таваҷҷуҳ мавҷуд аст.

Форуми мазкур ҳамчун майдони муаррифии имконоти сармоягузории ду кишвар, муколамаи мустақими соҳибкорон ва баррасии лоиҳаҳои муштарак дар бахшҳои энергетика, саноати сабук, нақлиёт, сайёҳӣ ва кишоварзӣ доир мешавад.

ЧАРО МУҒУЛИСТОН БАРОИ ТОҶИКИСТОН МУҲИМ АСТ?

Муғулистон, ки иқтисоди он ба истихрочи захираҳои табиӣ ва содироти маъдан асос ёфтааст, метавонад дар самти таҷриба ва ҷалби сармоя барои рушди бахши кӯҳкории Тоҷикистон саҳмгузор бошад. Ҳамзамон, имкони содироти маҳсулоти кишоварзии Тоҷикистон, аз ҷумла меваю сабзавот ва гиёҳҳои шифобахш ба бозорҳои Муғулистон метавонад як самти нави ҳамкорӣ гардад. Моҳи майи соли равон вазири кишоварзии Тоҷикистон Қурбон Ҳакимзода бо Сафири Муғулистон дар Тоҷикистон Доржийн Баярхуу мулоқот карда, масоили ҳамкориро дар бахшҳои иқтисодӣ, аз ҷумла аграрӣ баррасӣ намуданд.

ҲАМКОРӢ ДАР СОҲАИ ФАРҲАНГ

Рӯзҳои фарҳангии Муғулистон, ки дар доираи сафари расмӣ баргузор мешавад, муҳити муносиброи барои шиносхти мардумони ду кишвар ба вуҷуд меорад. Баргузории намоишҳои ҳунарҳои мардумӣ ва консертҳо дар Театри опера ва балети ба номи С. Айнӣ саҳнаи дӯстии мардумони ду кишварро боз ҳам рангинтар хоҳад кард.

Ҳамчунин, бозидиди ҳайати фарҳангӣ ва намояндагони расмии Муғулистон аз мавзеъҳои таърихиву сайёҳии Тоҷикистон метавонад дар оянда ба густариши туризми мутақобила ва ташкили сафари гурӯҳҳои сайёҳӣ мусоидат намояд.

Ба андешаи коршиносон, сафари давлатии Президенти Муғулистон ба Тоҷикистон оғози марҳалаи нави ҳамкориҳои иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва фарҳангӣ байни ду кишвар аст.

Усмон РАҲИМЗОДА

Илёс Идризода:

ҲАҶ БАЪДИ НАФАҚА РАВАНД



Илёс Идризода, раиси Агентии хизмати давлатии Тоҷикистон 21-уми июл дар нишасти матбуотӣ гуфт, ки беҳтар аст мақомдорони давлатӣ баъди ба нафақа баромадан ҳаҷ кунанд.

Ба гуфти Идризода, қонунгузорӣ барои рафтани хизматчиёни давлатӣ ба ҳаҷ маҳдудияте пешбинӣ накардааст, вале ба назари шахсии ӯ, мансабдорон баъди ба нафақа баромадан ин корро анҷом диҳанд, хубтар аст.

"Хизматчии давлатӣ бояд вазифаи худашро ичро кунад, ин фикри шахсии ман аст. Вақте дар мақомоти давлатӣ кор кардӣ, дар хизмати давлатӣ кор кардӣ, бояд содиқона, сидқану шаффоф ба давлату миллат хизмат кунӣ. Баъд аз он, ки ба нафақа баромаданд, аз хизмати давлатӣ озод шуданд, марҳамат, рафтан гиранд",- афзуд Илёс Идризода.

Ёдовар мешавем, ки дар қонунгузории Тоҷикистон меъёре нест, ки сафари хизматчии давлатиро ба Ҳаҷ манъ кунад, вале баъзе маҳдудиятҳое дар сафари онҳо ба хориҷ аз кишвар пешбинӣ шудааст.

Ҳуқуқшинос Дилшод Ҷӯраев дар робита ба ин масъала мегӯяд: «Тартиби сафари шаҳрвандонро барои рафтан ба Ҳаҷ қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 30-юми декабри соли 2015 тасдиқ шудааст, ба тартиб медарорад. Дар ин низомнома фақат ду маҳдудият вуҷуд дорад. Вабаста ба синну сол ва такрори сафари Ҳаҷ. Агар мо дар бораи хизматчиёни ҳарбӣ гап занем, дар қонунгузории соҳавӣ, яъне озодии вичдон ягон меъёре нест, ки хизматчиёни давлатиро манъ кунад, ки ба Ҳаҷ нараванд. Вале маҳдудиятҳое вуҷуд доранд. Манъ карда нашудааст, вале онҳо бояд ҳар сафари хориҷишонро бо роҳбарияташон ҳамоҳангсозӣ ё мувофиқа кунанд. Кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, масалан милитсия, прокуратура, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, онҳо бо иҷозатномаи махсуси роҳбарияташон сафари хориҷӣ карда метавонанд".



САРМОЯГУЗОРИ ТОҶИК ДАР ФАРҒОНА КОРХОНА МЕСОЗАД

Ҳафтаи гузашта дар такя ба Кумитаи миллии омори Ӯзбекистон хабар дода будем, ки феълан дар Ӯзбекистон 357 корхона бо сармояи Тоҷикистон фаъолият доранд, ки аз ин 89 корхонаи муштарак ва 268 адад комилан ба Тоҷикистон мансуб аст. Ҳафтаи равон расонаҳои Ӯзбекистон хабар доданд, ки як сармоягузори тоҷик дар Фарғона корхонаи истеҳсоли ноқил месозад.



Корхонаи истеҳсоли ноқил (кабел) дар ноҳияи Данғараи вилояти Фарғонаи Ӯзбекистон бо иштироки сармоягузор аз Тоҷикистон бунёд шуда, арзиши сохтмони он 10 млн доллар гуфта мешавад. Расонаҳои Ӯзбекистон дар такя ба сомонаи Ҳукумати ноҳияи Данғара менависанд, ки ба истифода додани корхона охири соли 2025 ба нақша гирифта шудааст.


Гуфта мешавад, ки сохтмони корхонаи истеҳсоли ноқил (сим)-и алюминӣ ва мисӣ босуръат ҷараён дорад. Корхона дар доираи ҳамкории ду кишвари ҳамсоя бунёд мегардад. Аз ҷониби Тоҷикистон лоиҳаро соҳибкор Шуҳратҷон Ашӯрматов ва аз ҷониби Ӯзбекистон тоҷирзани ӯзбек - Фотима Имомова муаррифӣ мекунанд.

Корхона Osiyo Kabellari (Осиё кабеллари) номгузорӣ шуда, масоҳаташ 1 гектар аст. Дар ин корхона дар як сол то 15 ҳазор тонна ноқил (сим)-и мисӣ ва то ҳазор тонна ноқили алюминӣ истеҳсол хоҳад шуд. Нархи умумии маҳсулоте, ки истеҳсол мешавад, тақрибан 21 млн доллар бо қурби ҷорӣ арзёбӣ мешавад.

Сомонаи Ҳукумати вилояти Фарғона бо нашри чанд акс хабар дод, ки раиси вилоят Хайрулло Бозоров рӯзи 18-уми июл бо сармоягузорон вохӯрда, бо онҳо масоили суръат бахшидан ба корҳои сохтмон ва пайваст намудани иншооот ба шабакаҳои муҳандисӣ - обу газ ва неруи баркро баррасӣ кард.

Дар ин суҳбат гуфта шудааст, ки коргоҳ дар оянда 100 нафарро бо ҷойи кори доимӣ таъмин хоҳад кард. Маҳсулоти истеҳсолшуда дар ин коргоҳ ба кишварҳои узви ИДМ содир хоҳад шуд.

САРИ САБЗ



Ҳамадонӣ ДАВЛАТОВ, сарояндаи ҷавони тоҷик

- Бисёр нафароне, ки дар фазои интернети тоҷикӣ муҳтавои пурмазмун меофаранд, тамошобини кам меёбанд. Халқи мо ба ҳамин гуна чизҳои сабуке одат кардааст, ки як нафар агар дар интернет ягон "девонагӣ" мекунад, суханҳои зишт мезанад, тамошобини зиёд мегирад.

- Айбро ба дӯши халқ бор накунед. Интернет ҷойи "девонабозӣ" нест, ки ҳар чизе диламон хоҳад, пахш кардан гирем!



Нозанин АМИНҶОНОВА, стюардессаи ширкати Emirates

- Дар яке аз парвозҳо як мусофир ҳудро бад ҳис кард. Мо ба ӯ кумак кардем ва баъдтар дар фурудгоҳи Мехико ӯ ба наздам омада, лӯхтаки чӯбин (матрёшка) туҳфа карду гуфт: "Ташаккур барои ғамхорӣ ва барои он ки ҳастед". Ин кори ӯ то умқи дилам таъсир кард.

- Беҳтарин миннатдориро арзонӣ доштааст он нафар бароятон. Вале агар ягон миқдор маблағ ҳам мебуд, таъсир ба дил бештар мешуд.



Ҳасанҷон МУРОДОВ, чӯпон аз водии Яғноб

- Чӯпон будан дар кӯҳу пушта осон аст, ба шарте, ки агар аз борону барф, ҳавои хунук ва ҳайвоноти ваҳшии кӯҳу пуштаҳо натарсед. Ҳамаи талошу кӯшиши чӯпон танҳо ба он равона мешавад, ки молро фарбеҳтар кунад, дар ҷойи сералафу амн беосеб нигаҳ дорад.

- Ба шарте, ки ҷойҳои сералаф "соҳиб" надошта бошанду воқеан амн бошанд, вагарна, тарсидану ларзидан ногузир аст...

Аз нишастҳои матбуотӣ



Исфандиёри Саъдулло, сардори Хадамоти алоқа дар нишасти матбуотӣ гуфт, ки нархи интернет дар кишвар арзон ва суръати он беҳтар шудааст.

Ӯ гуфт, тадричан арзиши миёнаи интернет бо суръати 1 Мбит/с ба 17,63 сомонӣ коҳиш ёфта, нархи миёнаи 1 ГБ бастаи интернети мобилӣ ба 2,5 сомонӣ ё 0,25 доллар расонида шуд.

"Раванди мазкур идома ёфта, аз 15-уми июли соли ҷорӣ суръати ҳадди ақали интернет ба 15 Мбит/с баробар гардида, то охири соли ҷорӣ суръати интернет ба 30 Мбит/с ва дар се соли оянда ин нишондод ба 100 Мбит/с расонида хоҳад шуд",- ваъда дод сардори Хадамоти алоқа.



Дар шаш моҳи соли ҷорӣ дар Тоҷикистон 508 табиб бо ҳар сабаб аз кор рафтаанд. Дар ин бора Ҷамолиддин Абдуллозода, вазири тандурустии кишвар дар нишасти хабарӣ иттилоъ дод.

Аз ҷумла, ба иттилои вазир, 51 табиб соҳаро тарк карда, ба муҳоҷират рафтаанд. "Аксарияти 51 нафаре, ки мо қайд кардем ба муҳоҷират рафтаанд, барои омӯзиши курсҳои дусола ва сесола ба дигар давлатҳо сафар кардаанд",- гуфт ӯ. Гуфта шуд, ки 40 кас ба нафақа баромада, 24 тани дигар фавтидаанд. Боқимонда, ба қавли ӯ, аз як беморхона ба беморхонаи дигар гузаронида шудаанд.



Бахшида ба 35-солагии Истиқлоли давлатӣ беш аз 23 ҳазор иншооти таъиноти гуногун мавриди истифода қарор гирифт. Дар ин бора раиси Кумитаи рушди маҳалли назди Президенти Тоҷикистон Шарифҷон Ҷумъазода зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод.

Дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон аз 1362 иншооти ба нақша гирифташуда 1025 иншоот, дар вилояти Суғд сохтмони 12 ҳазор иншоот ба нақша гирифта шуда, то имрӯз 10 ҳазору 827 иншоот ва дар вилояти Хатлон бошад, аз 6260 иншооти ба нақша гирифташуда 5479 иншоот мавриди истифода қарор гирифтаанд.

Роҳи оҳани Афғонистон - Покистон - Ӯзбекистон

Афғонистон, Покистон ва Ӯзбекистон созишномаи омӯзиши имкониятҳои бунёди хати роҳи оҳанро имзо карданд. Ин тарҳ бунёди роҳи оҳан аз Ӯзбекистон то Покистонро дар назар дорад.



Дар маросими имзои ин тавофуқнома, ки рӯзи 17-уми июл дар Кобул доир шуд, вазирони корҳои хоричии ҳукумати Толибон, Покистон ва Ӯзбекистон Амирхон Муттақӣ, Исҳоқ Дор ва Бахтиёр Саидов иштирок доштанд. Агар ин тарҳ анҷом шавад, Ӯзбекистон аз роҳи Афғонистон ба Покистон пайваст мешавад ва кишварҳои Осиёи Марказӣ метавонанд ба бандарҳои баҳрии Покистон дастрасӣ пайдо кунанд.

KUN.UZ

Рақиби Эрдуғон 1,8 сол ҳабс шуд

Суди Туркия раиси шаҳри Истамбул Акрам Имомоғлуро аз рӯи иттиҳоми таҳқир ва таҳдиди прокурори шаҳр ба 1 солу 8 моҳ ҳабс маҳкум кард. Салоҳиятҳои Имомоғлу баъди ҳабси ӯ боздошта шуд ва ба иттилои матбуоти Туркия, айни замон фаъолияти сиёсии Имомоғлуро маҳдуд накардаанд.



Баҳонаи боз кардани парванда суҳбатҳои раиси шаҳр дар бораи прокурори Истамбул Акин Гюрлек дар моҳи январи соли 2025 будааст. Имомоғлу, ки мухолифи асосии президент Рачаб Тайиб Эрдуғон мебошад, ҳама иттиҳомҳоро рад мекунад. Ӯро 19-уми марти имсол, чанд рӯз пеш аз интихоботи ҳизби ҷумҳурихоҳи мардумии Туркия боздошт карданд, ки бояд номзад ба президентӣ дар интихоботи соли 2028-ро интихоб мекард. Бо вуҷуди ҳабси Имомоғлу, ҳизбаш махз ӯро чун номзади худ пешбарӣ кардааст.

ДУХТАРЕ, КИ “ДОИШ-И ХУРОСОН”-РО РОҲБАРӢ МЕКАРД...

Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Ӯзбекистон як ҳуҷраи махфии вобаста ба шохаи “ДОИШ-и Хуросон”-ро дар шаҳри Намангон, воқеъ дар шарқи ин кишвар ошкор ва пароканда намудааст. Ба иттилои расмӣ, роҳбарии ин гуруҳи хатарнокро як духтари 19-сола бар дӯш дошт, ки қаблан дар шаҳри Истанбули Туркия дар як “маркази исломӣ” таълими динӣ гирифта буд.



Дар изҳороти КДАМ омадааст, ки аъзои ин гурӯҳ асосан ҷавонон - занону мардон буданд, ки фаъолона дар шабакаҳои иҷтимоӣ, бахусус дар платформаи Телеграм таблиғоти чиҳодиро паҳн менамуданд. Онҳо маводи таблиғотиро бо мухтавои даъват ба ҷиҳод бар зидди ҳукумати Ӯзбекистон ба нашр мерасониданд.

Мақомот мегӯянд, дар пайи як амалиёти муштарак бо Вазорати корҳои дохилии Ӯзбекистон, ки аз рӯзи якшанбеи 19-уми июл оғоз шуда буд, ин гурӯҳи радикалӣ фош ва барҳам дода шуд. Аз махфигоҳҳои онҳо расме аз ӯ бо рӯйи пӯшида дар расонаҳо нашр шудааст. Ба иттилои расмӣ, вай соли 2022 ба Туркия сафар карда, баъди анҷоми таҳсили динӣ бо ақоиди ифротгароёна ба кишвар баргаштааст. Падари ин духтар аз табдили ногаҳонии фикри ӯ изҳори нигаронӣ карда, кӯшиш намудааст, ки ӯро аз ин роҳ боздорад, аммо духтар падари худро “кофир” хонда, ба беимонӣ айбдор кардааст.

Мақомоти амниятӣ мегӯянд, пас аз бозгашт ба Ӯзбекистон, ин духтари ҷавон ҳуҷраи махфиро бо ширкат доштани ҳадди ақал 16 нафар дар Намангон ташкил додааст. Вай беш аз 120 гурӯҳу каналҳои ифротгароёнаро дар Телеграм роҳандозӣ намуда, дар он ҷо маводи садоӣ ва тасвирии чиҳодӣ, аломатҳои гурӯҳи ДОИШ ва таблиғоти тундро китобу брошураҳои дорои мухтавои чиҳодӣ мусодира гардидааст.

Номи духтари 19-сола ифшо нашудааст, вале паҳн мекардааст. Узвҳои гурӯҳ дар баъзе нишастҳо ҷавононро ба “чиҳод” ва “шаҳодат” ташвиқ менамудаанд.



ДИДОРИ МУШОВИРИ ХОМАНАЙ БО ПУТИН

Алии Лориҷонӣ, мушовири олии роҳбари Эрон ба Русия сафар намуда, дар кохи Кремл бо Владимир Путин, Президенти Русия дидор ва мулоқот намуд.

Дмитрий Песков, сухангӯи Кремл дар ин хусус иттилоъ дода, афзуд, ки ҷонибҳо дар ин мулоқот вазъияти Ховари Миёна ва Барномаи атомии Эронро баррасӣ намудаанд.

Ба гуфтаи Дмитрий Песков, президенти Русия дар ин мулоқот дубора аз мавқеи устувори Маскав дар ҳимояти субот дар минтақа ва зарурати ҳалли сиёсӣ барои масъалаҳои вобаста ба Барномаи атомии Эрон ҳимоят кардааст.

Сафари мушовири олии роҳбари Эрон ба Маскав дар ҳоле сурат мегирад, ки чанде қабл бархе расонаҳои ғарбӣ навиштанд, Путин аз Эрон хостааст, ки ба ғанисозии уран поён дода, ғанисозии сифрро дар музокироти атомӣ бо Амрико қабул кунад. Ин хабар баъдан аз сӯйи мақомоти эронӣ рад шуд. Онҳо таъкид намуданд, ки аз ҷониби Русия чунин пешниҳодро дарёфт накардаанд.

ДАР ТАРБИЯИ САГҲО

писарбачаи 8-солаи тайландӣ ҷаҳонро ба ҳайрат оварда

Мақомоти Тайланд дар шимоли кишвар, дар вилояти Уттарадит писарбачаи ҳаштсолаеро пайдо намуданд, ки дар давоми чанд соли охир бо шаш саг ва бидуни назорати инсон ба воя расидааст. Ин кӯдак гап намезанад, мисли сагҳо аккос мезанад, ҳаракат мекунад ва аз мардум метарсад.



Тибқи иттилоъ, модар ва бародари 23-солаи ин кӯдак гирифтори нашъамандӣ будаанд. Модари ӯ ҳар моҳ 400 бат кумакпулии давлатро барои таҳсили фарзандаш гирифта, аммо кӯдак ҳеч гоҳ ба мактаб нарафтааст.

Кӯдак, ки ҳамаи амалҳои худро аз сагҳо омӯхтааст, фақат бо чор даст роҳ рафта, бо инсонҳо иртибот нагирифтааст ва ҳама вақтро бо сагҳо гузаронидааст.

Гуфта мешавад, ки ин ҳодисаро мудири мактаби маҳаллӣ ба як бунёди хайриявӣ хабар додааст. Баъд аз он, рӯзи 30-юми июн мақомоти давлатӣ бо кумаки ин бунёд амалиёти начотро оғоз намудаанд.

Хонаводаи ӯ дар як минтақаи сермуаммои чиноятҳои маводи мухаддир зиндагӣ мекардаанд. Ҳамсояҳо мегӯянд, ки модари кӯдак пайваста дар назди маъбадҳо талабандагӣ мекард ва аксари мардум аз ӯ канора мегирифтанд.

Баъди расидани полис ба ҷои ҳодиса модар ва бародар бо иттиҳоми истифодаи маводи мухаддир боздошт шуданд. Худи кӯдак ба маркази ҳифзи кӯдакон супурда шуд.

Мақомот мегӯянд, ҳоло писарбача зери назорати равоншиносон, табибон ва мураббиёни махсус қарор дорад. Барои ӯ хӯрок, паноҳгоҳ ва нигоҳубини тиббӣ таъмин шудааст.

МАКТАБИ №1-И ПОЙТАХТ ТАХРИБ МЕШАВАД

Яке аз мактабҳои таърихии пойтахти Тоҷикистон - мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №1 тахриб карда мешавад. Ба ҷои он муассисаи нави муосир бо инфрасохтори замонавӣ бунёд хоҳад шуд. Дар ин бора директори мактаб Шавкат Ҳусейнзода хабар додааст.



Хонандагону омӯзгорон муваққатан ба дигар муассисаҳои таълимии шаҳри Душанбе кӯчонида мешаванд.

• Синфҳои болоӣ ба мактаби №53 ба номи Муҳаббат Маҳмудова

• Синфҳои ибтидоӣ ба мактаби №6 дар кӯчаи Шоҳтемур

Мактаби №1 зиёда аз 90 сол пеш дар шаҳри Душанбе сохта шуда, яке аз аввалин муассисаҳои таълимӣ дар замони пас аз таъсиси ҶШС Тоҷикистон ба шумор мерафт. Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ он ба ҳайси госпитал ба мақруҳони ҷанг хизмат мекард.

Соли 1943 бо ҷорӣ шудани таҳсили ҷудогона, ба мактаби мардона табдил ёфт. Бинои мактаб аз рӯи лоиҳаи меъмори маъруфи шуравӣ Пётр Ваулин сохта шудааст.

Қарори тахриби мактаб соли 2023 аз ҷониби шаҳрдории Душанбе қабул гардида, тибқи нақша, бунёди мактаби нав моҳи сентябри соли 2026 ба анҷом мерасад.

Ёдовар мешавем, ки қаблан корҳои тахриби мактаби №20 ба номи Пушкин низ оғоз шуда буданд. Ба ҷои он як муассисаи нави чорошёна бо китобхонаи электронӣ, майдони варзишӣ ва толори муосири варзишӣ сохта мешавад. Нимпайкараи шоири рус Пушкин, ки дар ҳавлӣ ҷой дошт, ба макони дигар интиқол дода мешавад.

«44 ЧАШМА» БА «БИНОКОРОН» КӮЧИД?

Дар ин рӯзҳои гарми тобистон кас мехоҳад дар лаби чашмасорони сарду салқин нишинаду истироҳат кунад. Чунин имкониятро ҳоло сокинони кӯчаи "Бинокорон"-и ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе доранд. Агар бовар накунед, ба ин кӯчае, ки пур аз биноҳои баландошёнаи истиқоматӣ аст, як сари қадам биёед.





Мебинед, ки "44 чашма"-и Шаҳртуз гӯё ба ин ҷо кӯчидааст. Аз оғози кӯча то охири он чашмаҳои шаффофе аз зери асфалт ба берун ҷӯшида мебароянд ва кӯдакон оби сардро ба сару рӯи худ мепошанду ба тавре, худро салқин мекунанд. Ин чашмаҳо "доди Худост" ва ё чизи дигар? Ба савол сокинон чунин ҷавоб мегӯянд.

Малика Саидшоева: "Ин чашмаҳо ба ивази беоб мондани хонаҳои мост. Ба ошёнаҳои болои хонаи мо қариб як моҳ мешавад, ки об намебарояд".

Исмоил Раҷабов: "Ман намедонам, ки кормандони "Водоканал" ба куҷо нигоҳ мекунанд. Охир, шумо дида истодаед, ки аз сари ин кӯча то охираш аз чандин ҷой об мебарояду қубурҳое, ки ҳамин сол хобонда буданд, кафидааст. Магар инро ҳалолкорӣ гуфтан мумкин аст?".

Аз мавҷудияти ин "44 чашма" аз ҳама бештар сокиноне, ки дар поёноби он истиқомат доранд, зарар дида истодаанд. Аз ҷумаки хати оби худ сокинони кӯчаҳои Акбар Махсумов ва Назаршоев бо замазамаи суруди "Чакра чакидан гирад..."давоми чанд соат сатили худро пур мекунанд.

Сокини ин маҳалла Орифи Маҳмуд мегӯяд: "Намедонам дар ин ҷо чӣ сирре ҳаст, ки давоми ду соли охир бори сеюм хати оберо, ки аз "Бинокорон" ба мо меояд, таъмир мекунанду мекананд, вале кормандон нав болои қубурҳоро мепӯшонанд, ки аз сари нав чашмаҳо пайдо мешаванд ва ин раванд ба назар беохир менамояд".

Асрори чашмаҳои "Бинокорон"-ро то ҳол касе пайдо накардааст ва азбаски сокинон ба хушк шудани ин чашмаҳои бесоҳиб бовар надоранд, ба соҳиби мағозаи хӯрокворие, ки дар ин макон ҷойгир аст, маслиҳат доданд, ки номи мағозаашро минбаъд иваз карда, "44 чашма" монад. Ин тавсияро ӯ қабул мекунад ё не, маълум нест, вале мо ба роҳбарияти "Водоканал" тавсия медиҳем, ки як сари қадам ба ин минтақаи серчашма ташриф оранду худ баҳо диҳанд...

А. АҲМАДЗОДА,
"Тоҷикистон"

Аз нишастҳои матбуотӣ



Ҳоло дар Тоҷикистон 104 ширкати телевизионӣ ва радиоӣ расман фаъолият доранд. Дар ин бора Носир Саид, раиси Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати ҷумҳурӣ дар нишасти матбуотӣ иттилоъ дод.

Ба гуфтаи ӯ, 15 телевизиони давлатӣ ва 17 телевизиони хусусӣ, 10 радиои давлатӣ ва 24 радиои хусусӣ, 17 шабакаи телевизионии кабелӣ ва 5 шабака бо технологияи IP, 16 студияи истеҳсоли маводҳои аудиовизуалӣ ба қайд гирифта шудаанд.



Вазорати фарҳанг ба Қонун "Дар бораи иттилоотонӣ" ва кодекси нави воситаҳои ахбори омма банде пешниҳод кардааст, ки ба фаъолияти блогерон дахл дорад. Дар ин хусус вазири фарҳанги Тоҷикистон Матлубахон Сатториён зимни нишасти матбуотӣ хабар дод.

Инчунин зикр гардид, ки аз ҷониби Вазорати фарҳанг тавассути гурӯҳи корӣ барои пешгирии ҳуқуқвайронкунии ҳунармандони ғайрикасбӣ ва блогерон дастурамал таҳия шудааст ва он ҳоло дар баррасӣ қарор дорад. Вазири фарҳанг зикр кард, ки имрӯз дар кишвар Ассотсиатсияи блогерон фаъолият мекунад ва ба Вазорати фарҳанг аз ин ниҳод чанд пешниҳод низ ворид шудааст.



Дар шаш моҳи аввали соли 2025 дар корхонаҳои саноатӣ ва кӯҳкории Тоҷикистон 24 ҳодисаи ноҳуш ва як садамаи истеҳсолӣ ба қайд гирифта шуд. Дар натиҷа 30 нафар ба ҳалокат расида, 22 нафари дигар ҷароҳат бардоштаанд.

Дар ин бора Санъат Раҳим, сардори Хадамоти назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкории назди Ҳукумати Тоҷикистон зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод. Дар робита ба ҳодисаҳои мазкур 6 шахси ҳуқуқӣ, 22 мансабдор ва 4 шахси воқеӣ ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шудаанд.

ВАҚТЕ КИ ҲАҚИҚАТ ТИР ХЎРД

(Идома аз шумораҳои гузашта)

САҲНАИ ХОМЎШӢ: РЎЗИ МАРГИ АҲМАД ЗОҲИР

Он рӯз ман дар Кобул будам. Шаҳр пурташаннуҷ, аммо зиндагӣ дар микрорайон чун ҳамеша бо як оромии қалбакӣ ҷараён дошт. Бо Муродуллоҳ Шерализода, Умриқул Ҳақбердиев, Бурҳон Ғанӣ, Расул Хуршед (дӯстам Холиқбердӣ) ва Қурбоналӣ Хӯҷамов сайругашт мекардем. Қурбоналӣ зоҳиран ба овозхони маъруфи афғон Мададӣ монандӣ дошт. Аз ин рӯ, мо бо ҳазлу шӯхӣ ӯро "Мададӣ" меномидем.

Ҳангоми роҳравӣ аз паҳлуи мо ду бонуи афғон гузаштанд. Яке ба дигарӣ бо тааҷҷуб гуфт:

- Ин Мададӣ нест, ки ҳоло аз телевизион суруд мехонд? Бингар, ки акнун дар кӯча мегардад...

Мо бо шунидани ин сухан хандидем ва бо хурсандӣ роҳро идома додем.

Он замон дар Афғонистон марз миёни саҳна ва соя, миёни шуҳрату фаромӯшӣ, миёни зинда мондану кушта шудан хеле борик ва хатарнок буд. Мо ба охири микрорайон - кӯпруке, ки роҳро ба самти фурудгоҳ мепайваст, расидем. Ногоҳ садои серенаи мошинҳои полис баланд шуд. Мошинҳо яке паси дигар, бо бонги изтироб мегузаштанд. Мо ба якдигар нигоҳ кардем - бехабар аз он ки ҳамон лаҳза як саҳифа аз китоби таърих канда шуда буд:

Аҳмад Зоҳир дигар нест.

Он шаб фаҳмидем, ки мегуфтаанд: ӯ дар садамаи мошин дар ағбаи Саланг ҷон додааст. Аммо қалби Кобул инро намепазируфт. Шаҳр дар андуҳ нишаста буд, хомӯшии сангин бар фазо овезон гашта буд.

Рӯзи дигар эълон карданд, ки ҷаноза Аҳмад баргузор мешавад. Ҳазорҳо мардону занон, пиру ҷавон рӯи масҷид ва хиёбонҳо рехтанд. Бори аввал дар таърихи Афғонистон буд, ки ҳазорон зан пушти тобути як мард роҳ мерафтанд. Ин танҳо мотами як инсон набуд, мотами як миллат, як ормон, як овоз буд.

Онҳое, ки ҷасадро диданд, гуфтанд:

- Дар тарафи чапи сараш нишони тир буд...

Падараш Абдул Зоҳир, собиқ сарвазири Афғонистон, бо чашмони ашкбор дар ҷаноза гуфт:

- Дар сари писари ман нишони садама не, нишони тир буд.

Фарзанди Аҳмад Зоҳир - Ришод Зоҳир баъдтар нақл кард, ки пас аз ҷаноза масъулони ҳукумат ба хонаашон омада, гуфтаанд:

- Саволҳои зиёдатӣ надиҳед. Ба расонаҳо наравед. Хомӯш бошед.

Ҳама медонистанд: Аҳмад Зоҳирро ба маҳфиле даъват мекунанд, ки ба ифтихори Ҳафизуллоҳ Амин ороста шуда буд. Аммо ӯ иштирок дар он маҳфилро қабул намекунад. Ва ин рад кардан барои диктаторе чун Амин ҷиноят ҳисоб меёфт. Шахсе, ки ҳатто устодаш Нурмуҳаммад Таракиро кушта буд, чӣ гуна метавонист як ҳофизи озодандешро таҳаммул кунад?

Аҳмад Зоҳир овози миллат буд. Садояш муҳаббат, дард, озодӣ, зебоӣ ва нафрати ниҳонӣ ба зулмро бозгӯ мекард. Ва ҳамин буд, ки он овоз ба таҳдиде барои як режими тарсафкани золим табдил ёфт.

Ҳукумати Амин ин фоҷиаро бо як изҳороти кутоҳ баён кард: “Садамаи нақлиётӣ дар нақби Саланг”.

Аммо мардум ин суханро қабул надоштанд. Ба гуфти рӯзноманигорони хориҷӣ ва шоҳидон, мошин ягон осебе надида буд. Ва ҳамин буд, ки ҳама оҳиста-оҳиста ба як ҳақиқат расиданд:

Ин садама набуд, куштор буд.


4-уми июни соли 1979 Аҳмад Зоҳир зодрӯз дошт. Ӯ ба синни 33 расида буд. Ӯро дар рӯзи мавлудаш куштанд.

КАШӢ ҶАБРЕ, КИ БО УСТОД КАРДӢ

27-уми декабри соли 1979. Кобул дар остонаи шаби тира ва ҷонкоҳ. Қасри Доруламон - манзили расмии Амин зери посбонии сахти неруҳои вижаи афғон ва қаторе аз элитаи Кумитаи марказии ҲХДА қарор дошт. Амин - раҳбари камтаҷриба, вале сердаъво - бо сари шӯрида дар маркази як дуди ғафс аз тааммулӣ ҷаҳонӣ, тавтиа ва нобоварӣ қарор дошт. Ӯ гӯё мехост дар як шабонарӯз Афғонистонро дигар кунад, вале на бо мағзи ором, балки бо силоҳ ва шиканҷа. Ба ҳар андеша, ба ҳар овоз, ба ҳар шахсияти мустақил ҳамчун душман менигарист. Мисли касе буд, ки дар оинаи сиёсат танҳо сояи худро мебинад - ва аз он ҳам метарсад. Ҳамин тарс, ҳамин шубҳа, ҳамин даъвоҳои беасос ӯро ба қатли дӯсту ҳамдаст, устоду фарҳангӣ, ҳатто миллаташ бурд. Аз ин рӯ, номаш дар таърих бо сардии тиру гармии хуни бегуноҳон дар як саф қарор гирифт.

Он субҳ, дар тахтаи стратегӣ як нукта аллакай бо қалами сиёҳ ишора шуда буд: "ҲАФИЗУЛЛОҲ АМИН БАРТАРФ ШАВАД!".

Сарфи назар аз ҳама шеваҳои дипломатӣ, сиёсати Шуравӣ тасмим гирифт: барои нигоҳ доштани нуфуз, бояд раҳбари ноустувор ва хавфнок аз саҳна



дур гардад. Ҳарчанд бо дасти худашон ба сари қудрат оварда буданд, дигар наметавонистанд хатарро таҳаммул кунанд.

ФОҶИАИ ҚАСРИ ТОҶБЕК

Кобул. Шабе, ки заминаш аз садои танкҳо меларзид ва фазояш аз парвози чархболҳо торик менамуд. Шаҳр дар ҳолати интизорӣ буд, интизории як фоҷиаи ногузир.

Полковник Виктор Петрович Кузнеченков, духтури шахсии раиси ҷумҳур Ҳафизулло Амин ва сартерапевти госпитали низомии “400 бистар” баъди анҷоми навбатдорӣ, хаста ва пуртафаккур, дар хона назди мизи хӯрокхӯрӣ нишаста буд. Шаб ноором буд, аз дилаш ҳазор андеша мегузашт.

Вай ба ҳамсараш нигарист, бо он нигоҳе, ки гӯё мехост чизе бигӯяд, вале натавонист. Он нигоҳи пур аз андеша, пур аз огоҳии ноаён дар он шоми ғайриоддӣ буд. Ҳамсараш, ки дар хомӯшӣ хӯрок мехӯрд, нигоҳ аз дастархон бардошт, то посух диҳад. Ин дам Виктор ба сухан омад:

- Фақат як сигор... ва баъд мехобам.

Ӯ ба балкон баромад. Аз ошёнаи чорум ба шаҳри тира назар андохт. Бӯи барф меомад. Кобул бо ҳазорҳо тиреза ва дили пур аз тарс нафас мекашид. Дар паси андуҳи шаҳр торикӣ хуфта буд.

Ногаҳ садои тормози “уазик” ӯро аз андеша раҳо кард. Аз мошин сарҷарроҳи госпитал фаромад ва ба балкон нигариста, бо ишораи “поён биё” ҷониби Виктор даст гардонд.

Виктор зуд ба хона баргашт, либоси корияшро пӯшид ва ба ҳамсараш гуфт:

- Маратро хабар деҳ, омода шавад.

(Вай Муродуллоҳ Шерализодаро бо номи «Марат» ёд мекард).

Ҳамсараш ба ошёнаи якум фаромад, вале Марат дар хона набуд. Хосият, ҳамсари ӯ, бо хавотирӣ берун давид, то ӯро ёбад. Вале “уазик” интизор нашуд. Баробари савор шудани Виктор, мошин ба тарафи қасри Тоҷбек босуръат роҳ пеш гирифт.

- Ба Қасри Тоҷбек даъват карданд... Амин ва аҳли хонаводааш заҳролуд шудаанд,- гуфт сарҷарроҳ бо овози гирифта.

Дар мошин хомӯшӣ ҳукмфармо буд. Танҳо чароғҳои сурхи гирду атроф мисли огоҳии нооромӣ мича мезаданд.

Ворид шудан ба Қасри Тоҷбек осон набуд. Дар паси ҳар дарахт - аскар, тӯп, танк. Дар фазо овози русӣ садо медод. Дигар аз "Дреш"-и маъмулӣ дараке набуд. Вақте духтурон иҷозаи ворид шудан гирифтанд, дарро боз карданд ва бо манзараи фоҷиабор рӯ ба рӯ шуданд.

Амин заҳролуд шуда буд. Танаш меларзид, рангаш сафеду чашмонаш пӯшида, пайваста қай мекард. Хонум ва духтаронаш низ дар ҳамин ҳолат буданд. Телефон хомӯш. Ҳеҷ иртиботе бо берун набуд.

Дар роҳрав нигоҳашон ба ҷасади афтода бархӯрд. Хонуму духтарони Амин бо чеҳраҳои парида, дар зинаҳо нишаста буданд. Аз чашмонашон ашк ҷорӣ буд.

Амин бо азоб нафас мегирифт. Лабонаш парсинбаста, чашмонаш беҳаракат. Виктор Петрович ва Алексеев фавран даст ба табобат заданд. Онҳо медонистанд, ки Амин марди қавист, ҷисмаш тобовар аст.

Аминро ба ташноб бурданд, меъдаашро шустанд. Зонд, сӯзандору, ҳама таҷрибаи як табиби вокеӣ ба кор даромад. Ба рагҳояш беист дору мерехтанд.

Муъҷиза. Амин чашм кушод. Аввалин касе, ки дид, Виктор буд. Дар лабонаш табассум ва дар чеҳрааш шодӣ ҳувайдо гашт.

Ногаҳон садои гиря. Писари хурдии Амин, ки дар гӯшае пинҳон шуда буд, ба гиря даромад. Амин бо сӯзандору дар бадан аз кати хоб боло шуд ва қадам ба сӯи фарзандаш гузошт. Ӯро ба оғӯш гирифт, сарашро сила кард.

Виктор, ки аз пас менигарист, нафаси сабук кашид:

- Шукр, ки наҷот ёфт...

Аммо ин шукр бармаҳал буд.

Садои тир. Боз тирпарронӣ. Дари қаср бо зарбаи сахт кушода шуд. Гурӯҳе дар тан либоси аскарии афғонӣ, вале дар чеҳра ғайри афғон ба утоқи хоби Амин ворид шуданд. Дастур садо дод:

- Ба замин!

Борони тир борид. Амин ба замин афтод. Виктор бо дили ларзон ба тарафи ӯ шитофт... Тири аввал, пас дуюм. Виктор дигар аз ҷой нахест.

- Ба мурдаҳо кор нагиред! Танҳо мачруҳонро бор кунед!,- амр дод як сарбоз.

Алексеев, ки паси дар пинҳон шуда буд, ба назди Виктор давид:

- Ӯ ҳанӯз зинда аст! Танҳо захмӣ...

Аммо ин дурӯғ буд. Дурӯғе, ки аз муҳаббат гуфта шуд, то ҷасади ҳамкасбашро берун кашад.

Виктор Петровичро ба мошини зиреҳпӯш бор карданд. Вале ӯ зинда набуд. Либоси сафеди табибиаш ба парчами хунолуд табдил ёфта буд.

Аввалин қурбониёни ҳамла ба Қасри Тоҷбек:

- Полковник Виктор Кузнеченков, табибе, ки ҷонашро барои наҷоти инсон қурбон кард.


- Полковник Бояринов, фармондеҳи амалиёт, ки барои ичрои амр ҷон дод.

Яке бо садоқат ба қасами касбӣ, дигаре бо итоат ба амри давлатӣ.

Бояринов пас аз марг унвони Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ гирифт. Кузнеченков барои садоқат ба қарзи касбӣ бо Ордени Ситораи Сурх қадрдонӣ шуд.

(Давом дорад)

Шариф ҲАМДАМПУР



МАЪРИФАТИ МОЛИЯВӢ

САРФАКОРӢ ВА ХАСИСӢ

Фарқ байни ин ду чист?

Имрӯз доштани фаҳмиши молиявӣ ба як рукни муҳими зиндагӣ табдил ёфтааст. Муносибати мо бо пул бештар аз ҳар вақти дигар аҳамият пайдо кардааст. Мардум бештар мекӯшанд, ки пулро сарфа кунанд, буҷаи худро дуруст танзим намоянд. Бо ин ояндаи молиявии худро беҳтар созанд. Аммо дар ин роҳ як хатари нозук вуҷуд дорад: омехтани сарфакорӣ бо хасисӣ. Ҳарчанд ин ду мафҳум шабеҳи ҳам ба назар мерасанд, аммо дар асл тафовут доранд.

САРФАКОРӢ - НИШОНАИ АҚЛУ ҲУШ

Сарфакорӣ маънои онро дорад, ки шахс пулро ба таври оқилона ва самаранок истифода мебарад. Ин гуна одамон пеш аз харҷ кардан фикр мекунанд: оё ман ба ин ниёз дорам? Онҳо бе зарурат харҷ намекунанд, вале вақте лозим бошад, пулро барои чизҳои муҳим сарф мекунанд. Масалан, саломатӣ, таҳсил, рушди шахсӣ ё кӯмак ба наздикон. Инчунин, шахси сарфакор мехоҳад аз пулаш фоида гирад. Пасандоз мекунад, то ба ҳадафҳои молиявӣ расад.

Сарфакорӣ на бо хӯрдани нону шакар зиндагӣ кардан аст ва на бо худ маҳрум кардан, балки ин фаҳмидани арзиш ва аҳамияти чизҳо аст. Онҳое, ки сарфакоранд, кӯшиш мекунанд аз ҳар сомонӣ беҳтар истифода баранд, на ин ки онро танҳо ҷамъ кунанд.

ХАСИСӢ - МАҲДУДИЯТ АЗ РӮИ ТАРС

Хасис будан ё бахилӣ бошад, рафтори дигар аст. Ин гуна шахсон ҳатто вақте ки пул доранд, намехоҳанд онро сарф кунанд. Онҳо на барои худ ва на барои дигарон пул намедиҳанд, ҳатто агар он зарур бошад. Барои онҳо сарф кардани пул як фишори равонӣ меорад. Зеро метарсанд, ки мабодо маблағашон кам шавад ё аз даст равад.

Хасисӣ, бар хилофи сарфакорӣ, метавонад ба саломатӣ, равонӣ ва ҳатто муносибатҳои оилавӣ зарар расонад. Шахсоне, ки хасисанд, одатан дар ҳаёташон маҳдудият ва норозатӣ чой дорад. Ҳатто, агар доро ҳам бошанд.

Шахсони хасис пулро ҳатто барои чизҳои муҳим намедиҳанд. Ба дигарон кумак намекунанд, агар имконият ҳам дошта бошанд. Аксар вақт аз тарси аз даст додани пул зиндагиро маҳдуд мекунанд. Дар масъалаи пул бо худ ва дигарон сахтгиранд. Қариб ҳамеша фикр мекунанд, ки пулро сарф кардан зарар дорад. Мисол, шахсе, ки дорои имконияти молӣ аст, вале барои табобати худ ё фарзандаш пул намедиҳад.

ФАҲМИДАНИ ИНҲО ЧАРО МУҲИМ АСТ?

Муносибати дуруст бо пул як қисми муҳим аз шуури молиявӣ аст. Ҳам сарфакорӣ ва ҳам хасисӣ метавонад ба як ҳадаф равона шавад: сарфа кардани пул. Аммо натиҷаашон фарқ мекунад. Яке зиндагиро беҳтар месозад, дигаре онро маҳдуд мекунад. Бояд ёд гирем, ки пул восита аст, на ҳадаф. Сарфакорӣ моро ба масъулият ва ояндабинӣ меорад. Хасисӣ бошад, моро ба тарс, маҳдудият ва эҳсоси камбудӣ мебарад. Ҳатто, агар мо сарватманд ҳам бошем.

Бинобар ин, биёед сарфакор бошем, на хасис. Аз пул оқилона истифода намоем, на бо тарсу ҳарос. Зиндагӣ бо ҳисоби дуруст калиди оромии равонӣ ва пешрафти молиявӣ аст.

Усмон РАҲИМЗОДА

ҚАРЗДОРОНИ КАЛОН АЗ АНДОЗ

Кумита номи онҳоро ошкор кард

ТО 1-УМИ ИЮНИ СОЛИ ҶОРӢ ҲАҶМИ УМУМИИ ҚАРЗ АЗ АНДОЗҲОИ ДОХИЛӢ ДАР ТОҶИКИСТОН 975,8 МЛН СОМОНӢ Ё ХУД ҲУДУДИ 102 МЛН ДОЛЛАРРО ТАШКИЛ МЕДИҲАД. ДАР ИН БОРА КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРӢ ХАБАР МЕДИҲАД.

Гуфта мешавад, бақияи қарзҳо аз пардохти андоз дар муқоиса бо аввали соли равон ба миқдори 235,6 млн сомонӣ зиёд шудааст.

Қарздорони аз ҳама зиёд аз пардохти андоз ташкилоту корхонаҳои зерин номбар шудаанд:

- ҶСК «Шабакаҳои тақсимоти барқ» - 144,6 млн сомонӣ;

- ҶСК «НБО Роғун» - 58,6 млн сомонӣ;

- корхонаҳои зертобеи Агентии обёрӣ ва беҳдошти замини назди Ҳукумати ҷумҳурӣ - 48,2 млн сомонӣ;

- ҶСП «Талко Голд» - 30,2 млн сомонӣ;

- КВД ««Хадамоти санитариву нақлиётии шаҳри Хуҷанд» - 30 млн сомонӣ;

- корхонаҳои зертобеи КВД «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» - 28,9 млн сомонӣ;

- кони «Ангишти Зиддӣ» - 19,3 млн сомонӣ;

- ҶСК «Ангишт» - 10,2 млн сомонӣ.

Дар бақияи умумии қарзҳо аз пардохти андоз ҳиссаи субъектҳои дар боло зикршуда 38%-ро ташкил медиҳад.

Дар зарфи 6 моҳи соли ҷорӣ аз ҷониби мақомоти андоз дар бораи маҷбуран рӯёнидани андозҳо аз қарздорон ба маблағи 670,5 млн сомонӣ 9,1 ҳазор қарорҳо қабул шудааст.



Аз ҳисоби ин қарорҳо, инчунин дигар қарорҳои дар соли 2024 қабулшуда 791,3 млн сомонӣ ба буҷет ворид шудааст, ки 117,4 млн сомонӣ зиёдтар нисбат ба ҳамин давраи соли 2024 мебошад.

Бино ба маълумоти Кумитаи андоз, дар нимсолаи аввали соли 2025 аз ҳисоби андозҳои дохилӣ ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети кишвар 12,7 млрд сомонӣ ворид шудааст, ки 13,7% зиёдтар нисбат ба нақшаи пешбинишуда аст.

ПРЕЗИДЕНТ ДАР ҲАМАДОНӢ

Иқдомҳои созанда дар арафаи ҷашни миллӣ

20-уми июл сафари кории Президенти мамлакат, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади шиносоӣ бо вазъи зиндагии мардум, ифтитоҳи иншооти таъиноти гуногун ва суҳбат бо аҳли заҳмат ба ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ сурат гирифт.



БИНОИ НАВИ РАЁСАТИ МОЛИЯ ДАР ҲАМАДОНӢ


Сафари кории Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ба ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бо ифтитоҳи бинои нави Раёсати молияи Вазорати молия оғоз ёфт.

Иншоот дар масоҳати 749 метри мураббаъ бунёд шуда, аз 3 ошёна ва 12 ҳуҷраи корӣ иборат мебошад. Бино бо тарҳи муосир сохта шуда, барои фаъолияти 30 корманд шароити мусоиди корӣ фароҳам гардидааст. Сарвари давлат ба сифати сохтмон баҳои баланд дода, кормандонро барои истифодаи самараноки маблағҳои бучетӣ ва таҳкими низоми молиявӣ вазифадор намуданд.









ИФТИТОҲИ МУАССИСАИ ТОМАКТАБӢ

Дар идомаи сафари корӣ бо иштироки Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар кӯчаи ба номи Исмоили Сомонии шаҳраки Москваи ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ муассисаи томактабӣ ифтитоҳ ёфт. Ба Роҳбари давлат Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, ки бинои дуошёнаи муассиса дар майдони 0,56 гектар сохта шуда, аз 2 ҳуҷраи корӣ, 6 хонаи хоби кӯдакон, 8 айвонча, майдони бозӣ барои кӯдакон, толорҳо барои гузаронидани машғулияту чорабиниҳо, ошхона, ҳаммом ва анбор барои нигоҳдории сӯзишворӣ иборат мебошад.

12,75 КИЛОМЕТР РОҲИ НАВ

Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ даромадгоҳи деҳоти Панҷоб ва роҳи мумфаршгардидаро мавриди истифода қарор доданд.

Роҳ дар ин масир 12,75 километрро дар бар гирифта, шаҳраки Москва, деҳаҳои Сайроби деҳоти Панҷоб ва Сомониёни деҳоти ба номи Саидқул Турдиевро бо ҳам мепайвандад.

Роҳи мошингард асосан солҳои 80-уми асри гузашта бунёд ёфтааст. Бо мурури замон масофаи зикргардида таъмирталаб ва ҳаракати нақлиёти боркашу мусофиркаш мушкил гардида буд.

Корҳои сохтмонӣ дар роҳ аз аввалҳои моҳи апрели соли равон аз тарафи соҳибкорони ватанӣ, сокинони маҳал ва бо ҷалби аҳолӣ оғоз гардида, ба маблағи умумии 21 миллиону 675 ҳазор сомонӣ корҳои навсозӣ ба анҷом расонида шуд. Паҳноии роҳ 6 метр ва ғафсии он ба андозаи 10 см мумфарш гардидааст.

Баъди ифтитоҳи иншоот Роҳбари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба ҳиммати сокинон барои ободонии як гӯшаи сарзамин баҳои баланд доданд.

«ТОҶ АГРО» БО ИСТЕҲСОЛ ВА СОДИРОТ ПЕШСАФ АСТ

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ ба деҳоти Панҷоби ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ташриф оварда, бо истифодаи мақсадноки замин дар ҶДММ “ТОҶ АГРО” шинос шуданд.

Хоҷагӣ дорои 75 гектар замин буда, 72 гектараш боғу токзори интенсивӣ мебошад. Дар он 150 нафар доимӣ ва 450 нафар мавсимӣ фаъолият мекунанд. Дар 50 гектар навъҳои содиротии ангур, аз ҷумла «Аватар» парвариш меёбанд, ки ба талаботи бозори ҷаҳонӣ ҷавобгӯянд. Инчунин, ду гармхонаи доимамалкунанда ва як сардхона бо ғунҷоиши 1000 тонна мавҷуд аст.

Хоҷагӣ бо маҳсулоти тару тоза бозори дохилиро таъмин намуда, содирот низ ба роҳ мондааст.

Пешвои миллат ташаббусҳои хоҷагидоронро дастгирӣ намуда, барои тавсеаи боғу токпарварӣ ва истифодаи оқилонаи замин супоришҳои мушаххас доданд.

КОРХОНАИ ИСТЕҲСОЛИ АСФАЛТ БО ИҚТИДОРИ БУЗУРГ

Зимни сафари Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ба ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар деҳаи Сайроб корхонаи нави истеҳсоли асфалту бетон ба истифода дода шуд. Ин корхонаи саноатӣ аз тарафи соҳибкори ватанӣ Абдулазиз Ҷобиров бунёд шудааст.

Бино ба иттилои дафтари матбуоти Сарвари давлат, корхонаи мазкур дар майдони 8,17 гектар бо маблағи 2 миллиону 520 ҳазор сомонӣ бунёд гардида, иқтидори истеҳсолии он 70 тонна асфалт ва 60 метри мукааб бетон дар як соатро ташкил медиҳад.

Дар ин корхонаи нави саноатӣ 100 нафар бо ҷойи кор таъмин шудаанд.

ДАР ҲАМАДОНӢ 86,2 ФОИЗИ НАҚШАИ ҶАШНӢ АМАЛӢ ШУД

Бо мақсади истиқболи сазовори ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ сохтмон ва ба истифода додани 51 иншооти таъиноташон гуногун оғоз шуда буд. То имрӯз 44 иншоот бо таъсиси 114 ҷойи корӣ ба маблағи умумии 297 миллиону 809 ҳазор сомонӣ сохта ва мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтаанд. Ин 86,2 фоизи нақшаи пешбинишударо ташкил медиҳад.

Иншооти сохташуда муассисаҳои муҳими иҷтимоӣ ва истеҳсолӣ, аз ҷумла муассисаҳои таълимӣ ва томактабӣ, бунгоҳҳои тиббӣ, корхонаҳои истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, шабакаҳои обрасонӣ, майдончаҳои варзишӣ, роҳҳо, пулҳо, хатҳои барқ, марказҳои савдо ва хизматрасониро дар бар мегиранд.

Қисми зиёди ин иншоот бо ташаббус ва маблағгузории соҳибкорони маҳаллӣ ва сокинони ватандӯст бунёд шудаанд.

Ҳамзамон, зимни сафари кории Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ноҳия соҳибкорон ба Сарвари давлат ваъда доданд, ки дар марҳилаи навбатӣ боз 25 километр роҳҳои маҳаллии ноҳияро асфалтпӯш хоҳанд кард.

АЗ КОРХОНА ТО БУНГОҲИ ТИББӢ

Рушди деҳот дар Ҳамадонӣ

Дар ҳошияи сафари кории Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бо иштироки раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид ва дигар масъулин боз чанд иншооти дигар мавриди истифода қарор гирифтанд.



КОРХОНАИ ПАХТАТОЗАКУНӢ ДАР ПАНҶОБ

Нахуст раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид дар деҳаи Токистони деҳоти Панҷоб корхонаи коркарди пахтаро ба истифода дод. Ин корхона бо ташаббуси соҳибкори маҳаллӣ Рачабзода Шодӣ дар масоҳати 1,5 гектар замин бо маблағи 4,3 миллион сомонӣ бунёд гардида, бо таҷҳизоти муосири технологӣ муҷаҳҳаз шудааст.

Иқтидори истеҳсолии корхона ба 15 ҳазор тонна пахта дар як сол мерасад. Баъди ба фаъолият оғоз кардани он 30 нафар бо ҷойи кори доимӣ ва зиёда аз 100 сокини маҳаллӣ бо ҷойи кори мавсимӣ таъмин мегарданд.

Соҳибкор ният дорад дар марҳилаи навбатӣ корхонаи истеҳсоли равғанро таъсис диҳад, ки он низ ба рушди саноати маҳаллӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ мусоидат хоҳад кард.



КОРХОНАИ КОРКАРДИ САНГУ ШАҒАЛ

Бо иштироки раиси вилоят Давлаталӣ Саид дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ корхонаи нави коркарди сангу шағал аз ҷониби ҶДММ «Дӯстии Ҳамадонӣ» бо иқтидори 120 метри кубӣ дар як соат ба истифода дода шуд. Корхона бо сармоягузории 8 миллион сомонӣ бунёд гардида, барои 20 нафар ҷойи кори доимӣ фароҳам меорад. Ин ташаббус дар доираи рушди саноати вилоят ва бо ҳадафи дастрасии аҳолӣ ба маҳсулоти сохтмонӣ амалӣ гардид.



ИФТИТОҲИ 1,8 КИЛОМЕТР РОҲИ МОШИНГАРД

Бо иштироки муовини раиси вилояти Хатлон Файзуллозода Заробиддин роҳи мошингарди байни деҳаҳои Сафедоби деҳоти Панҷрӯд ва Обшорони ҷамоати деҳоти ба номи С. Турдиев дар масофаи 1,8 километр ба истифода дода шуд.

Роҳ, ки ҳанӯз дар солҳои 60-уми асри гузашта сохта шуда буд, бо мурури замон фарсуда ва ҳаракати нақлиёти мусофиркаш ва борбар дар он душвор гашта буд. Бо ташаббуси соҳибкорони маҳаллӣ ва дастгирии сокинон корҳои азнавсозии роҳ оғоз гардида, дар маҷмуъ бо маблағи 1 миллиону 992 ҳазор сомонӣ корҳои сохтмонӣ ба анҷом расонида шуданд.

ИНШООТИ ВАРЗИШӢ ВА САЙЁҲӢ



Дар деҳаи Сафедоби ҷамоати деҳоти Панҷрӯд бошад, раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид иншооти варзишӣ ва сайёҳиро ба истифода дод. Иншооти мазкур ба ифтихори 35-солагии Истиқлоли давлатӣ ва барои дар оянда оммавигардонии тарзи ҳаёти солим ва рушди соҳаи сайёҳӣ мавриди истифода қарор дода шудааст.

Иншооти варзишӣ бо сифати баланд ва ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир аз тарафи соҳибкори маҳаллӣ Юсуфов Юсуфҷон ба маблағи 383 ҳазор сомонӣ сохта шуда, бо таҷҳизоти замонавӣ муҷаҳҳаз гардонида шудааст.

Раиси вилояти Хатлон зимни суҳбат бо ҷавонону наврасони маҳал зикр намуд, ки ба бозиҳои варзишӣ дар вақтҳои холигӣ машғул шудан яке аз роҳҳои муфиди пешгирӣ аз гаравидан ба ҳар гуна ҳизбу ҳаракат ва ақидаҳои иртиҷоӣ мебошад.

Раиси вилоят аз ҷавонон даъват ба амал оварда, ки бештар ба варзиш машғул шаванд ва тарзи ҳаёти солимро шуғли доимии худ интихоб намоянд.

Ҳамчунин, бо иштироки раиси вилояти Хатлон дар деҳаи Меҳрвари ҷамоати деҳоти Чӯбек синфхонаҳои иловагӣ дар назди муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 30 ифтитоҳ ёфт.

Бинобар сабаби зиёд шудани хонандагони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №30 эҳтиёҷ ба сохтмони синфхонаҳои иловагӣ дар муассисаи мазкур ба миён омада буд.

Раиси вилоят Давлаталӣ Саид бо омӯзгорон суҳбат намуда, онҳоро муваззаф намуд, ки бо фаъолияти назаррас саҳми худро дар ободии диёр гузоранд.

ОБИ ТОЗА БА МЕҲНАТОБОД ОМАД



Ҳамчунин, муовини раиси вилояти Хатлон Файзуллозода Заробиддин дар деҳаи Меҳнатободи ҷамоати деҳоти «Хоҷамуъмин» манораи тақсимоти об ва хати оби ошомиданиро мавриди истифода қарор дод.

Сохтмони хати оби нӯшокӣ дар доираи татбиқи ҳадафҳои Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028” ба анҷом расидааст. Манораи обтақсимкунӣ бо ғунҷоиши 25 тонна об, ки аҳолии деҳаи Меҳнатободи ҷамоати деҳоти «Хоҷамуъмин»-ро бо оби тозаи ошомиданӣ таъмин менамояд, бо маблағи 368 ҳазор сомонӣ аз ҷониби соҳибкорони маҳаллӣ бунёд гардидааст.

БУНГОҲИ ТИББИИ ЗАМОНАВӢ ДАР ҲУСНОБОД



Дар деҳаи Ҳуснободи ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ бо иштироки муовини раиси вилояти Хатлон Анзурат Абдусаломзода бунгоҳи тиббӣ ифтитоҳ ёфт. Иншооти мазкур дар доираи омодагиҳо ба пешвози ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ бо мақсади таъмини дастрасии аҳолӣ ба хизматрасонии босифати тиббӣ мавриди истифода қарор дода шуд. Бунгоҳи тиббӣ бо маблағгузории соҳибкорони маҳаллӣ ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир ба маблағи 695 ҳазор сомонӣ сохта шудааст.

СИНФХОНАҲОИ ИЛОВАГӢ БО 240 ҶОЙИ НИШАСТ



Ҳамчунин, бо иштироки муовини раиси вилояти Хатлон Анзурат Абдусаломзода дар деҳаи Марғоб бинои синфхонаҳои иловагӣ барои 240 ҷойи нишаст дар ду баст дар назди муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №44 мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт.

Иттилоъ дода шуд, ки бинобар сабаби зиёд шудани шумораи хонандагони муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №44 эҳтиёҷ ба сохтмони синфхонаҳои иловагӣ дар муассисаи мазкур ба миён омада буд.



МУШКИЛИ МАБЛАҒ Ё...

Петр Сегрт чаро тарки Тоҷикистон кард?

Яке аз беҳтарин сармураббиёни мунтахаби Тоҷикистон Петр Сегрт бори аввал ошкоро сабаби рафтанаш аз тими миллии Тоҷикистонро гуфт. Замони сармураббӣ будани ӯ мунтахаби Тоҷикистон таърихсозӣ кард. Бори аввал ба даври ¼-ниҳоии Ҷоми Осиё баромад ва ҳатто дар раддабандии ФИФА мавқеи даста дар ҷойи 99-ум қарор гирифт.

МУШКИЛИ МАБЛАҒ Ё?

Роҳ ёфтани мунтахаби Тоҷикистон ба чорякфинали Ҷоми Осиё ягона дастоварди замони Петр Сегрт нест. Футболбозони тоҷик дар мусобиқаҳои дӯстонаи “Кубок Короля” ва “Ҷоми Мердека” низ ғолиб омаданд, вале бо вуҷуди ин натиҷаҳои муваффақ, мутахассиси олмонӣ якбора мунтахаби Тоҷикистонро тарк кард. Чаро? Ба ин суол то имрӯз касе посухи мушаххас надода буд. Ахиран худи сармураббӣ дар суҳбати ошкоро бо нашрияи «Championat Asia» қазияро шарҳ дод.

Петр Сегрт овозаҳоро дар мавриди норозигиаш аз маблағи шартнома рад карда, гуфтааст: «Қарордод соли 2024 ба анҷом мерасид ва Федератсияи футболи Тоҷикистон мехост онро тамдид кунад. Ҳеҷ мушкили молиявӣ набуд. Ман ҳаргиз суҳбате дар бораи пул ё чизе дигар надоштам. Чунки пул ҳеҷ гоҳ ангезаи асосии ман дар тӯли 30 соли фаъолияти мураббигӣ набуд”.

Сегрт гуфтааст, ки бо далоили хонаводагӣ натавонист шартномаашро тамдид кунад.

“Ман мушкилоти чиддии оилавӣ доштам ва инро ба касе нагуфтам. Зеро мехостам рӯзҳои охиринро бо яке аз муҳимтарин афроди ҳаётам сипарӣ кунам, пеш аз он ки пас аз 6 ҳафта ӯро аз даст диҳам. Танҳо ба роҳбарияти Федератсияи футболи Тоҷикистон дар ин бора хабар додам. Аз ин рӯ, мехостам дақиқаҳои охиринро бо хонаводаам гузаронам ва баъдан зиндагии наве оғоз кунам. Барои ин ба қувваи нав ва фурсат ниёз доштам”,- гуфтааст сармураббӣ.

Сегрт дар суҳбат гуфтааст, ки ӯ кори сарсариро намеписандад ва бояд худашро пурра ба кор бахшад: “Ту сармураббӣ ҳастӣ, бояд пурра худро ба кор бахшӣ ва тамоми қуввататро диҳӣ. Ман бозигарон, одамон ва хусусан мураббиеро, ки фақат 50 то 80 дарсад кор мекунад, намеписандам. Мувофиқи талаботи шахсии худ, ман бояд 100 дарсад худро ба кор бахшам. Сармураббӣ бояд намунаи ибрат барои тамоми даста ва бозигарон бошад”,- гуфт Сегрт.

ТОҶИКИСТОНРО ЁД МЕКУНАМ

Петр Сегрт дар суҳбаташ гуфтааст, ки Тоҷикистонро ёд мекунад. “Мардуми меҳрубону бозингарони беҳтарин дорад. Замони фаъолиятам дар Тоҷикистон беҳтарин буд ва аз ёди ман намеравад”,- гуфт Сегрт.

Сегрт дар суҳбат гуфтааст, ки тарки дастаи мунтахаби Тоҷикистон кори осон набуд, вале ногузир буд. Ӯ наметавонист зидди принсипҳои шахсии худ амал кунад.

«Аз ҳамин сабаб тими миллии Тоҷикистонро тарк кардам. Он вақт наметавонистам тамоми диққатамро ба кор равона созам.

Тими миллии Тоҷикистон сазовори мураббиест, ки бо сад дарсад меҳру шавқ кор кунад. Бароям хеле душвор буд, ки Тоҷикистонро тарк кунам, вале наметавонистам зидди принсипҳо ва фалсафаи ҳаётиам равам. Маҳз ҳамин тавр қарорамро гирифтам. Дар тӯли ду сол тамоми қуввааамро сарф кардам. Пас аз Ҷоми Осиё дигар неру надоштам ва бояд бо хонаводаам мебудам. Ҳанӯз дилам барои Тоҷикистон, барои мардуми аҷиби тоҷик ва махсусан барои бозигарон танг мешавад. Аммо дар дараҷаи аввал бояд мушкилоти хонаводагиро ҳал мекардам ва аз худ нигоҳубин менамудам, то барои даъватҳои нав боз омода шавам”.

Сегрт гуфтааст, ки “як узви оилааш”-ро аз даст дод ва бо гузашти муддате ҳоло худро бехтар эҳсос мекунад ва интизори пешниҳодҳост.

ПЕТР СЕГРТ КИСТ?

Петр Сегрт соли 1966 дар Хорватия таваллуд шудааст. Волидони ӯ дар соли 1970 ба Олмон муҳоҷират кардаанд. Петр фаъолияти худро ҳамчун ҳимоятгар дар тими олмонии “Калв” оғоз карда, дар бошгоҳҳои Плоксинген, Швайхайм, Алмерсбах ва Валдорф идома дод. Вале ҷароҳати зону ба фаъолияти футболбозии ӯ нуқта гузошт. Пас аз ин, ӯ дар курси тренерии УЕФА таҳсил карда, фаъолияти мураббигии худро оғоз намуд.

Сегрт ёвари мураббии дастаҳои камовозаи “Калв”, “Боксум II”, “Дуйсбург II” ва “Валдҳоф” буд. Соли 2006 вазифаи мураббигии тими миллии Гурҷистонро ба дӯш гирифта, ба ҳайси ёвари сармураббии маъруф Клаус Топмюллер кор кард.

Соли 2009 Ассотсиатсияи футболи Олмон Петр Сегртро ба қатори довталабон ба вазифаи мураббии тими то 21-сола шомил кард. Соли 2010 ӯро ба Индонезия даъват карданд, то ба дастаи навтаъсиси “Бали Девата” мураббӣ шавад. Ӯ як муддат дар бошгоҳи “Звезда” дар Лигаи Премерии Босния ва Ҳерсеговина кор кард. Моҳи ноябри соли 2015 Федератсияи футболи Афғонистон аз таъини Сегрт ба вазифаи сармураббӣ хабар дод. Моҳи марти соли 2018 Ассотсиатсияи футболи Молдив бо Сегрт шартномаи дусола ба имзо расонд. 27-уми январи соли 2022 Федератсияи футболи Тоҷикистон Петр Сегртро сармураббии нави тими миллии кишвар эълон кард. Ӯ дар ҳар дастае, ки кор кардааст, фаъолияти назаррас нишон додааст.

Д. ҚОДИРПУР

ФАРРУХ ҲАСАНОВ БА «ИНТЕРВИДЕНИЕ» МЕРАВАД

Тоҷикистонро дар озмуни “Интервидение” дар Русия, ки моҳи сентябри имсол баргузор мешавад, сарояндаи ҷавон Фаррух Ҳасанов намояндагӣ мекунад. Дар ин бора рӯзи 21-уми июл Матлубахон Сатториён, вазири фарҳанги Тоҷикистон иттилоъ дода, гуфт, ки кишвари мо барои иштирок дар ин озмун даъватномаи расмӣ дарёфт кардааст.

Озмуни байналмилалии «Интервидение» яке аз платформаҳои маъруф барои муаррифии фарҳанг ва ҳунари овозхонҳои ҷавони кишварҳои ИДМ ва берун аз он маҳсуб ёфта, барои таблиғи фарҳанги миллӣ дар сатҳи байналмилалӣ имкони хуб фароҳам меорад.

Қаблан, соли 2008 аз Тоҷикистон дар он Таҳмина Ниёзова, замоне, ки 19 сол дошт, ҳунарнамоӣ карда, соҳиби Шоҳҷоизаи он шуда буд.

Соли 2009 тасмим буд, ки ин озмун дар Тоҷикистон баргузор мешавад, вале бо сабабҳои сари вақт маблағгузорӣ нашуданаш аз ҷониби Русия он баъди чанд маротибаи таъхир ёфтан доир нагардид.

Фаррух Ҳасанов овозхони 27-солаи тоҷик аст, ки соли гузашта дар тарҳи мусиқии "Ну-ка, все вместе!" дар Русия соҳиби Шоҳҷоиза шуда буд.


Фаррух Ҳасанов яке аз сарояндагони ҷавон ва боистеъдоди тоҷик мебошад, ки дар солҳои охир бо овози нодир ва ҳунари намоёни худ дар дохил ва хоричи кишвар шуҳрати зиёд пайдо кардааст. Ӯ 20-уми июли соли 1998 дар шаҳри Душанбе таваллуд шуда, аз овони кӯдакӣ ба мусиқӣ таваҷҷуҳ дошт.

Шуҳрати асосии Фаррух пас аз пирӯзӣ дар озмуни машҳури телевизионии “Ну-ка, все вместе!” дар шабакаи “Россия-1” ба даст омад. Ӯ бо иҷрои суруди “Talking to the Moon” (Бруно Марс) 98 хол гирифт ва ғолиби ин озмуни байналмилалӣ гардид. Ба Фаррух санади пирӯзӣ ва панҷ миллион рубл, муодили бештар аз панҷоҳ ҳазор доллар ҷоиза супурданд.

Ба ифтихори ин дастоварди бузург, шаҳрдори Душанбе низ ба Фаррух калиди манзили навро тақдим кард.

Фаррух Ҳасанов пас аз ин дар “Кохи Борбад” нахустин консерти худро баргузор кард. Сароянда соли равон дар шаҳри Москва низ консерт баргузор намуд. Ӯ то имрӯз дар чандин лоиҳаҳои фарҳангии Русия ширкат карда, бо ҳунармандони маъруфи ин кишвар дар як саҳна ҳунарнамоӣ кардааст. Ҳамчунин, Фаррух узви ҳайати ҳакамони озмуни телевизионии “Ну-ка, все вместе!” дар шабакаи “Россия-1” аст.

БАХТОВАР



МУЛОҚОТ БО ҲАЙАТИ АГЕНТИИ РЕЙТИНГИИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ «STANDARD & POOR'S»

Ҳафтаи сипаригашта раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода бо ҳайати таҳлилгарони Агентии байналмилалии рейтингии “Standard & Poor's” хонум Ҷулия Филока ва ҷаноби Роман Рибалкин мулоқот намуд.





Зимни мулоқот ҷонибҳо оид ба вазъи низоми бонкӣ, сиёсати пулию қарзӣ, динамикаи нишондиҳандаҳои оморӣ, нигоҳ доштани сатҳи таваррум дар доираи нишондиҳандаҳои пешбинишуда, таъмини суботи молиявии кишвар, нишондиҳандаҳои монетарию фискалӣ, татбиқи реҷаи ҳадафгирии таваррум ва идоракунии захираҳои байналмилалӣ табодули назар намуданд.

Қайд карда шуд, ки новобаста ба фазои мураккаби сиёсиву иқтисодии ҷаҳон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди босуботи иқтисодиву молиявӣ таъмин гардида истодааст. Дар робита ба ин, зимни таҳияи рейтинги навбатӣ бояд хусусиятҳои минтақа ва кишвар, афзоиши маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ва даромаднокии низоми бонкӣ, таҳким ва рушди идоракунии захираҳои байналмилалӣ ва ислоҳоти роҳандозишуда ба инобат гирифта шаванд.

Мавриди ба зикр аст, ки раванди интишори рейтинги кредитии соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ҳамасола бо Агентии байналмилалии рейтингии “Standard & Poor's” ба роҳ монда шудааст.

ҶАЛАСАИ ВАСЕЪ ОИД БА ҶАМЪБАСТИ ВАЗЪИ НИЗОМИ БОНКӢ ДАР НИМСОЛАИ ЯКУМИ СОЛИ 2025

15-уми июли соли 2025 бо иштироки роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон, намояндаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мудирони шуъбаҳои минтақавии БМТ, роҳбарони ташкилотҳои қарзии молиявӣ, Ассотсиатсияи бонкҳои Тоҷикистон, Ассотсиатсияи ташкилотҳои молиявии Тоҷикистон, Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон ва бюроҳои таърихи қарз ҷаласаи васеъ оид ба ҷамъбасти натиҷаҳои фаъолияти низоми бонкӣ дар нимсолаи якум ва вазифаҳо барои нимсолаи дуюми соли ҷорӣ баргузор гардид.



Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Толибзода Фирдавс нахуст ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои дастгирии доимии рушди низоми бонкӣ миннатдорӣ баён карда, иброз дошт, ки Бонки миллии Тоҷикистон фаъолияти худро дар нимсолаи якуми соли 2025 мутобиқи қонунгузории соҳавӣ ва вазифагузориҳое, ки аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ” бармеоянд, инчунин дар асоси “Самтҳои асосии сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2025 ва давраи миёнамуҳлат” роҳандозӣ намуд.

Гуфта шуд, ки дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ сарфи назар аз идомаёбии номуайяниҳои молиявӣ ва фазои мураккаби сиёсию иқтисодӣ дар ҷаҳон, дар натиҷаи роҳандозии тадбирҳои зарурӣ аз ҷониби Ҳукумати мамлакат рушди босуботи иқтисодию молиявӣ дар сатҳи зарурӣ таъмин карда шуд.

Бонки миллии Тоҷикистон дар давраи ҳисоботӣ сиёсати мутавозини пулию қарзиро чиҳати рушди боэътидоли ҳаҷми пул, муътадилии қурби пули миллӣ, таъмини фаъолияти солими низоми бонкии кишвар ва нигоҳдории сатҳи пасти таваррум, ки омили муҳими рушди иқтисодиёт ва болоравии сатҳи некуаҳволии мардум мебошад, амалӣ намуд.

Қайд гардид, ки дар Паёми навбатӣ “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ” ба масъалаи рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ, густариши технологияҳои рақамӣ ва васеъ намудани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир гардид. Инчунин, солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия эълон шудани солҳои 2025-2030 ҳамчун омили дигари мусоидаткунанда барои истифодаи васеи воситаҳои пардохтӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.

- Дар навбати худ, самтҳои мазкур омили муҳими шаффофияти амалиётҳои молиявӣ, баҳисобгирӣ ва пешгирии омилҳои коррупсионӣ арзёбӣ гардидаанд. Бо дарназардошти ин, иҷрои саривақтӣ ва босифати супоришҳои Сарвари давлат яке аз вазифаҳои калидӣ барои низоми бонкӣ ва дигар сохторҳои масъули кишвар муайян шудааст,- таъкид намуд Толибзода Фирдавс.

Сипас, роҳбарони як қатор воҳидҳои сохтории Бонки миллии Тоҷикистон бо рӯнамоҳо оид ба вазъи низоми бонкӣ дар нимсолаи якуми соли 2025, камбудиҳои ҷойдошта ва чораҳои андешидашуда, иҷрои стратегияи рушди фаъолияти ТҚМ барои солҳои 2022-2026 ва вазифаҳои гузошташуда, таъмини суботи молиявӣ, татбиқи сиёсати асъорӣ, фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар самти мониторинги молиявӣ, татбиқи сиёсати самараноки низоми пардохт, вазъи низомҳои иттилоотӣ ва баҳогузории хизматрасониҳои низоми бонкӣ суханронӣ намуданд.

Зимни муҳокимаи масъалаҳо намояндагони ташкилотҳои қарзии молиявӣ чиҳати ислоҳи камбудиҳои зерин, аз ҷумла то ҳол зиёд будани ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол, мукаммал набудани таъминоти барномавӣ, ҳолатҳои қаллобӣ ва ҳамлаҳои киберӣ, камбудиҳо дар самти амалиётҳои асъорӣ ва вобаста ба сатҳи хизматрасониҳои бонкӣ дастуру супоришҳои мушаххас гирифтанд.

Дар навбати худ, сардори раёсати молияи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷумъазода Маҳмуд изҳор дошт, ки дар татбиқи самараноки сиёсати иқтисодии давлату ҳукумат нақши низоми бонкӣ муҳим арзёбӣ гардида, он дар таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодии кишвар, ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ, ташаккули бахши хусусӣ ва соҳибкорӣ, ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ саҳми беандоза дорад.

Дар ҷамъбасти ҷаласа роҳбарони ташкилотҳои қарзии молиявӣ вазифадор карда шуданд, ки барои беҳтар намудани фаъолияти босуботи низоми бонкӣ, пурзӯр намудани низоми назорати дохилӣ ва идоракунии хавфҳо, мустаҳкам намудани заминаи сармоявӣ ва ҷалби бештари сармоягузориҳо, беҳтар намудани сатҳу сифати хизматрасониҳои бонкӣ, ба роҳ мондани назорати қатъии амалиётҳои асъорӣ ва роҳ надодан ба камбудиҳо вобаста ба масъалаҳои қурби асъор, гузаронидани аудити ҳамаҷонибаи соҳаи технологияҳои иттилоотӣ, пешгирии фаврии амалҳои қаллобӣ, тавсеаи инфрасохтори пардохти ғайринақдӣ дар тамоми манотиқи ҷумҳурӣ, махсусан дар ноҳияҳои дурдаст ва баррасии арзу шикоятҳо нисбат ба хизматрасониҳои бонкӣ чораҳои дахлдор андешида, баҳри татбиқи самараноки сиёсати пулию қарзӣ ва рушди низоми бонкӣ пайваста кӯшиш ба харҷ диҳанд.

КАДОМ МАҲСУЛОТРО МЕТАВОН ДУ СОЛ НИГОҲ ДОШТ?



Раҳмонзода Султон Раҳмон, директори Маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологии вилояти Суғд

Таъмини амнияти озуқаворӣ яке аз самтҳои муҳим ва афзалиятноки сиёсати пешгирифтаи роҳбарияти олии давлату Ҳукумати мамлакат ба шумор меравад. Аз ин ҷост, ки Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста таъкид мекунанд: «Ҳар як хонавода бояд барои ду сол захираи маводи ғизоӣ дошта бошад!».

Ин таъкиди Роҳбари давлат дар заминаи таҳдидҳои эҳтимолии ҷаҳонӣ ба амнияти озуқаворӣ, аз ҷумла тағйирёбии иқлим, танқисии об дар сайёра, нооромии геосиёсӣ ва болоравии нархҳо дар бозори ҷаҳонӣ сурат мегирад, то дар сурати муташанниҷ шудани вазъи ҷаҳонӣ ё офатҳои табиӣ аҳолӣ худро мустақилона бо ғизои солим таъмин карда тавонанд.

Ҳамин тавр, захираи дусолаи маводи зарурии озуқаворӣ метавонад дар ҳолатҳои фавқулода барои ҳар як инсон начотбахш бошад.

Албатта, гармои шадиди тобистон ҳар як инсонро водор мекунад, ки дар низоми зиндагонии худ баъзе тағйирот ворид созад, то ба гармо мутобиқ шуда, саломатии худ ва наздиконашро ҳифз намояд.

Нигоҳдории маводи хӯрока бо риояи қоидаҳои санитарию гигиенӣ аз масъалаҳои муҳими дигарест, ки бояд ба он диққати махсус зоҳир кард.

Дар ҳамин маврид, бо мақсади пешгирии бемориҳои гуногун Маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологии вилояти Суғд вобаста ба нигоҳубини маводи ғизоӣ дар чунин ҳавои гарм якчанд тавсияҳо пешниҳод менамояд.

Маводи ғизоиро танҳо дар ҷойҳои расмӣ ва бо сертификати сифат захира кардан лозим аст.

Ҳамзамон, бояд маҳсулоти ғизоӣ аз фурӯшгоҳҳо, корхонаҳои боэътимод ва маҳсулоти тамға (бренд)-дор харидорӣ карда шуда, ҳангоми захира кардан ба муҳлати нигоҳдории он низ аҳамияти чиддӣ додан ҳатмист.

Муҳим аст, ки маҳсулот дар шароити мусоид, аз ҷумла ҷои хушк, тоза, салқин ва бе намӣ ва аз таъсири нури офтоб ва ҳарорати баланд эмин нигоҳдорӣ шавад.

Инчунин маводи ғизоӣ бояд дар зарфҳо ё халтаҳои ҳавонагузар ва мухрдор нигоҳ дошта шуда, ҳангоми захира намудани лӯбиёгиҳо ва орд чораҳои пешгирикунандаи ҳашарот низ андешида шавад.

Бинобар ин, замима кардани баргҳои хушки лаванда ё санавбар барои дур кардани ҳашарот аз чунин маҳсулот хеле муфид аст.

Маҳсулоти захирашуда бояд мунтазам ва ҷиддӣ назорат шуда, дар давоми 1-2 моҳ тафтиш карда шаванд.

Дар ҳолати пайдо шудани бӯй, тағйироти ранг ё ҳашарот, маҳсулоти осебдидаро фавран чудо ва нобуд сохтан зарур аст, то ба маҳсулоти дигар зиёни хешро нарасонад.

Агар шароити яхдон ё сардхона набошад, аз захираи маҳсулоти зудвайроншаванда (гӯшт, тухм, шир) худдорӣ намудан лозим аст.

Тавсия дода мешавад, ки ҳангоми нигаҳдории равған, намак ва шакар онҳоро дар зарфҳои мухрдор ва дур аз намӣ бояд нигоҳ дошт.

Аз ин рӯ, мутахассисони санитарию эпидемиологӣ қабл аз ҳама таъкид менамоянд, ки барои нигоҳ доштани маҳсулоти ғизоӣ шаҳрвандон бояд сахт эҳтиёткор бошанд.

Ба таъкиди мутахассисони санитарию эпидемиологӣ, маҳсулоти хӯрокворие, ки метавон зиёда аз 2 сол захира кард, инҳо мебошанд:

Ғалладона ва маҳсулоти ордӣ: Орди навъи олиро то 1,5 сол метавон дар ҷои хушк ва дар зарфҳои пӯшида нигоҳ дошт. Шолӣ (биринҷ)-ро бошад, то 2-3 сол дар зарфи басташуда ва дар ҷойи бе намӣ, ҷав, гандумро низ барои 2 сол, маҳсулоти макарониро низ 2 сол дар халта ё зарфҳои герметикӣ метавон захира кард.

Лӯбиёгиҳо ва донагиҳо: Лӯбиё, нахӯд ва мошро барои 2 сол дар ҷои торик ва хушк дар зарфи маҳкамшуда ва бо бастабандии мустаҳкам метавон нигаҳдорӣ намуд.

Намак, шакар ва дигар маҳсулоти асосӣ: Намакро метавон бе маҳдудият ва дар ҷойи бе намӣ захира карда, шакарро низ барои 2-3 сол дар ҷои хушк ва дур аз об нигоҳ дошт. Орди чуворимаккаро ҳам 1,5 сол дар халтаҳои герметикӣ захира намудан имкон ҳаст.

Равғанҳо: Равғани растанирро 1,5 то 2 сол дар шиша ё зарфи торик ва сарпӯшдор, равғани зардро бошад, 1 сол бо нигоҳдорӣ дар яхдон (агар шарт бошад) захира кардан метавон.

Маҳсулоти табиӣ: Асалро зиёда аз 2 сол дар зарфи шишагӣ ё алюминӣ, меваҳои хушк (зардолу, ангур, олуча ва ғ.)-ро то 2 сол дар халтаи вакуум ё шишагӣ, сабзавоти хушк (пиёз, сир)-ро 1-2 сол бидуни намӣ ва дар халтаи басташуда нигоҳ доштан зарур аст.

Консерваҳо: Консерваи гӯштро 2-3 сол бо муҳри мухлатнок, консерваи мохиро то 3 сол дар ҷои хунук ва торик ва консерваи сабзавотиро 1,5 то 2 сол захира кардан муфид мебошад.

Маҳсулоти иловагӣ: Чойи хушк то 2 сол дар зарфи шишагӣ ё бастаи коғазӣ, қаҳва то 2 сол бо муҳр ва какао то 1,5 сол дар зарфҳои басташуда низ метавонанд нигаҳдорӣ шаванд.

Бо захира кардани маҳсулоти ғизоӣ шумо метавонед дар лаҳзаҳои душвори зиндагӣ худ ва наздиконатонро аз гурусна-гӣ эмин нигоҳ доред.



Тақвими



Ҳамал
21.03 - 20.04

Ҳафтаи пурбаракат ва имкониятсоз дар пеш аст, бахусус барои нафарони эҷодкор. Шумо имкони рушду такмил додани худ ва амалисозии нақшаҳои деринаатонро пайдо мекунед. Дар кору масъалаҳои молиявӣ пешравӣ эҳтимол дорад.



Савр
21.04 - 21.05

Ин ҳафта шароит барои нигоҳубини саломатӣ хеле мусоид аст. Ба кори дилхоҳ машғул шавед, аммо аз ҳад зиёд худро хаста накунед. Ҳангоми хӯрокхӯрӣ эҳтиёт кунед ва аз зиён ба дилу рагҳои хунгард парҳез намоед. Ба дӯстдоштаатон аз нақшаҳои худ нагӯед.



Ҷавзо
22.05 - 21.06

Ҳафтаи пур аз имконият аст, ҳам дар зиндагии шахсӣ ва ҳам дар касбу кор. Аммо тағйирёбии вазъ метавонад ҳар лаҳза рӯй диҳад, шодии имрӯзро шояд як ҳодисаи ногувор иваз кунад. Аз ноумедӣ ва изтироб парҳез кунед, рӯҳияатонро нигоҳ доред.



Саратон
22.06 - 23.07

Шумо тамоми диққатро ба дастовардҳои касбӣ равона мекунед. Пойдорӣ ва ростқавлӣ имкон медиҳад, ки дар вазифаҳо боло равед. Нимаи дуюми ҳафта ҳар як суханро бо андеша гуфта, эҳтиёткор бошед, як ҳарфи ноҷо метавонад оқибатҳои номатлуб дошта бошад.



Асад
23.07 - 22.08

Нафарони оиладор бояд барои барқарории оромиву осоиш дар хона кӯшиш намоянд. Иддаои раҳбарӣ дар оила метавонад ба муноқиша оварда расонад. Танҳо бо ҳамдигарфаҳмӣ мушкилиҳоро осон рафъ мекунед.



Сунбула
23.08 - 22.09

Барои ба даст овардани даромади пулӣ худро аз ҳад зиёд хаставу бемор накунед. Нафаронеро, ки дар соҳаҳои тиб, савдо ва хизматрасонӣ фаъолият доранд, фоидаи хуб мебинанд. Дар нимаи ҳафта беҳтар аст, ки танҳо кор кунед, натиҷаи он охири ҳафта маълум мешавад.



Мизон
25.09 - 22.10

Ҳафта барои бехбуд бахшидани саломатӣ хеле мувофиқ аст. Амалиётҳои тиббӣ ва парҳези солим натиҷаи хуб медиҳанд. Гарчанде бепул намемонед, вале харочот зиёд мешавад. Метавонед манбаи нави даромад пайдо кунед, имконияту қуввати кофӣ доред.



Ақраб
23.10 - 22.11

Агар маблағатонро боандоза ва бо ақл сарф кунед, мушкили молиявӣ пеш намеояд. Дар нимаи дуюми ҳафта интизори даромади ғайричашмдошт бошед. Эҳсосоту муҳаббати худро нисбат ба шахси дӯстдошта пинҳон накунед.



Қавс
25.11 - 21.12

Фаъолият ва чиддияти шумо диққати дигаронро ҷалб мекунад. Агар неруятонро дуруст равона кунед, фоидаи хуб ба даст меоред. Рӯзи панҷшанбе хабари муҳим мешунавед, вале маълумоти махфиро ба бегонагон ошкор накунед.




ва **Ҷаддӣ**
22.12 - 20.11

Оғози ҳафта бо мушкилоти хурд дар робита бо шарикони корӣ оғоз мешавад. Рӯзҳои душанбе, чоршанбе панҷшанбе аз хароҷоти калон худдорӣ намоед. Дар рӯзҳои панҷшанбе ва ҷумъа эҳтимоли баҳс бо шахси дӯстдошта зиёд аст, рашкро канор гузошта, сабр намоед.



Далв
21.01 - 19.02

Агар сирри молиявии худро ба касе нагӯед, вазъият беҳтар мешавад. Рӯзи сешанбе аз баҳсу муноқиша худдорӣ намоед. Панҷшанбе ва шанбе рӯзҳои пурфайзанд. Дар ҳаёти шахсӣ эҳтимоли нофаҳмӣ вуҷуд дорад. Гаштугузор дар ҳавои тоза саломатиро беҳтар мекунад.



Ҳут
20.02 - 20.03

Вазъи молиявии шумо устувор мегардад. Агар нияти хариди чизеро доред, акнун вақти мувофиқ аст. Аз харҷи бехуда парҳез кунед, вале иҷунин, кӯшиш накунед кори худро иваз намоед. Ба фикру эҳсоси шахси дӯстдоштаатон таваҷҷуҳ намоед.

ДАРГУЗАШТИ ШОДМОН ЮСУФ

- раиси нахустини Ҳизби демократи Тоҷикистон

Шодмон Юсуф, яке аз поягузорони Ҳизби демократи Тоҷикистон ва нахустин раиси он дар шаҳри Вена, пойтахти Австрия, дар сини 76-солагӣ даргузашт. Сабаби даргузашти ин сиёсатмадор эълон нашудааст.



Шодмон Юсуф хатмкардаи факултаи филологияи Донишгоҳи давлатии Саратов буда, дар донишгоҳҳои омӯзгории Кӯлобу Душанбе фаъолият намуд ва баъдан дар Академияти илмҳои Тоҷикистон ба кори илмӣ пардохт. Ӯ чанд сол раҳбарии кумитаи Ҳизби коммунист дар Академияи илмҳоро ба уҳда дошт.

Дар моҳи августи соли 1991 дар конфронси муассисони Ҳизби демократи Тоҷикистон раиси ин ҳизб интихоб шуд. Ҷамъи зиёди бунёдгузорони ин ҳизб аслан зиёиён ва устодони донишгоҳҳо, аъзои фаъоли маҳфилҳои сиёсии "Растохез" ва "Рӯбарӯ" буданд.

Ҳизби демократи Тоҷикистон дар оғози муқовиматҳои дохилӣ дар соли 1992 як ҷониби низоъ шинохта мешуд ва Шодмон Юсуф - раиси ин ҳизб масъулияти роҳбарии неруҳои ҷонибдори Ҳукумати муросои миллиро дар ташкилоте бо номи "Ситоди Наҷоти Ватан" бар уҳда дошт.

Соли 1992 Шодмон Юсуф як муддат тарки кишвар кард. Соли 1994 дар ҳайати Кумитаи ҳамоҳангсозии Ҳизби демократи Тоҷикистон талош кард ҳизбро дубора сабти ном кунад ва як сол баъд раиси ҳизб интихоб гардид. Баъдан ихтилофоти дохилии ҳизб бар сари мушорикат дар муборизаи мусаллаҳонаи зидди давлат аъзои ҲДТ-ро ба ду гурӯҳи умда тақсим кард. Яке аз ин гурӯҳҳо бо номи "Ҷиноҳи Техрон" ва дигаре ҷонибдорони усули муборизаи мусаллаҳона ва муштарак бо дигар неруҳои мухолифи давлат бо номи "Ҷиноҳи Алмаато".

"Ҷиноҳи Алмаато"-и ҲДТ дар музокироти сулҳи Тоҷикистон ширкат намуда, ҷонибдорони ин гурӯҳ дар ҳукумат низ ширкат дода шуданд.


Гуфта мешавад, ки ин гуна ҷараёни ҳодисаҳо Шодмон Юсуфро на танҳо ба як шахсияти зидди роҳбарони оппозитсия, балки зиддиисломӣ табдил дод.

Фаъолиятҳои сиёсии Шодмон Юсуф дар солҳои охир чандон назаррас набуд. Гуфта мешавад, ки ӯ бо фаъолиятҳои илмӣ машғул буд. Ӯ аз суҳбат бо расонаҳо худдорӣ мекард.

«МУСИҚӢ ҲАРОМ»

Ин ҳукм аз кай роиҷ шуд?

Борҳо бо гӯшамон шунидем ва аз он ҳамеша зиқ шудаем, ки бархе ба истилоҳ диндорону мазҳабиёни маъруф бо номи “мулло” мусиқиро батамом ҳаром бароварда ва гӯё ба назарашон бо ин "кашфиёт"-ашон ба ҷомеа бомба партофтанӣ ва равиши ҷомеаро ба тарафи назокатношиносӣ ва зебоибадбинӣ тоб доданӣ шудаанд.



Аммо маълум мешавад, ки дар гузашта ҳам чунин ҷинсҳои дур аз зебоӣ ва кӯр аз назокат - назокатношиноси маҳз ва урён зиёд ҳузур доштаанд. Мулло дар ҳар давру замон мулло буда ва муллогиашро мекардааст.

Тафсилаш:

Ёддоштҳои хондании яке аз ҳамсафону ҳамфикрони бисёр баландтабъу маърифатдӯст ва ҳунаршиноси Садриддин Айнӣ - Ғуломризо Изомӣ моро бо бисёр нуктаҳои муҳим ошно месозад. Ин асар, ба гуфтаи муаллиф, бо таъсир ва қуввати "Ёддоштҳо"-и устод Айнӣ ба услубу санъати "тасалсули афкор" навишта шуда ва дар он қиссаҳое аз мақому мартабаи устод Айнӣ фароҳам омадааст.

Дар ин ёддошти Изомии хушнавис, аз ҷумла, дар бораи вазъи мусиқии замони амирӣ ва завқи бисёр пасту залили мусиқифаҳмии домуллоёни Бухоро чунин омадааст: “Дар давраи амирӣ дар Бухоро санъати мусиқӣ шунуд дошта бошад ҳам, вуҷуд надошт. Халқи Бухоро ҳарчанд дар орзуи ин санъат буданд, лекин муяссар намешуд. Ду-се нафар аҳли санъате, ки устодони мусиқишиноси машҳури ҳамон вақт ба шумор мерафтанд, монанди маҳбусон дар қайди дари хонаи амир буданд, ки инҳоро "рикобӣ" мегуфтанд. Кайфияти санъати инҳо махсус ба амир ва аҳли дари хонааш буду бас. Бечора халқи Бухоро аз ин кайфият тамоман маҳрум буданд.

Аксари домуллоҳои Бухоро, ки бинобар фаҳму ҳиссиёти мусиқӣ надоштанашон санъату аҳли онро бад медиданд, дар маҷлиси мусиқӣ нишастанро манъ мекарданд: “маҷлисаш фиск, самоаш ҳаром, лаззат гирифтан фалон!...” мегуфтанд. Дар ҳамчунин вақт устод Айнӣ ҳиссиёти мусиқишиносиро гум накарда буданд, ин санъат ва аҳлашро дӯст медоштанд. Дар кучо ва кадом тавре ки бошад, бо аҳли ин санъат ёр, ба шуниданаш тайёр буданд...”.

Ин ёддоштҳо бо номи “Ёди он рӯзҳо” дар маҷаллаи "Садои Шарқ" (1964, № 7) ба нашр расидаанд, ки бисёр хонданӣ ва ҷолиби таваҷҷуҳ аст ва саҳифаҳои пурбори таърихи адабиёт, чигунагии шеъру шоирӣ, набардҳо барои мактабу маорифи нав ва мусиқии миллии моро фаро мегиранд.

Субҳон АЪЗАМЗОД,
адабиётшинос

МАВЛУДНОМА

24 ИЮЛ

Лола Баракаева (1940), 85-солагии зодрӯзи сароянда.

Борис Серебрянский (1920), 105-солагии зодрӯзи Рассоми халқии Тоҷикистон.

Раҳимҷон Ҳасанов (1955), 70-солагии зодрӯзи доктори илми сиёсӣ, профессор.

25 ИЮЛ

Алиҷон Каримов (1950), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

Абдураҳим Қодиров (1955), 70-солагии зодрӯзи доктори илми иқтисод.

Аъзам Мусоев (1945), 80-солагии зодрӯзи журналист, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

Асрориддин Шарифов (1940-2005), 85-солагии зодрӯзи журналист.

Алибой Эргашев (1935), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

Дилбар Юсуфова (1935), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

26 ИЮЛ

Аделина Адалис (1900-1969), 125-солагии зодрӯзи шоири рус, тарҷумони осори адибони тоҷик.

Владимир Молдовер (1930-2005), 95-солагии зодрӯзи журналист, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

Қиёмиддин Сатторӣ (1955), 70-солагии зодрӯзи публитсист.

Юнусалӣ Эргашев (1955), 70-солагии зодрӯзи ҳунарманди театр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

27 ИЮЛ

Арон Азархел (1905-1991), 120-солагии зодрӯзи муаррих.

Максим Корено (1955), 70-солагии зодрӯзи шоири руснигори тоҷик.

Зайниддин Насриддинов (1930-2013), 95-солагии зодрӯзи журналист, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

Григорий Петров (1940), 85-солагии зодрӯзи доктори илми техникӣ.

Пиримқул Сатторӣ (1940-1993), 85-солагии зодрӯзи шоир.

28 ИЮЛ

Серафим Максимов (1910-1994), 115-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

Ҳокима Назарова (1940-1991), 85-солагии зодрӯзи наттоқи радио.

Лев Серебренников (1925), 100-солагии зодрӯзи Журналисти шоистаи Тоҷикистон.

Саидамин Ҷило (1945), 80-солагии зодрӯзи нависанда.

29 ИЮЛ

Абдулҳафиз Азизов (1955), 70-солагии зодрӯзи доктори илми педагогӣ, профессор.

Иброҳим Атахонов (1935-2016), 90-солагии зодрӯзи журналист.

Ниёзбек Давлатбеков (1945), 80-солагии зодрӯзи муаррих.

30 ИЮЛ

Виктор Ойгензихт (1925-1993), 100-солагии зодрӯзи доктори илми ҳуқуқ, профессор, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

Олег Солюс (1915-1976), 110-солагии зодрӯзи ҳунарманди театр, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон.

Мушаррафа Ҳомидҷонова (1955), 70-солагии зодрӯзи журналист.

Аз идора

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?
ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!
Тел: 221-00-84

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ

ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Шиносномаи техникӣ, рақами қайд №23098, ба номи Раҳмонов Илхомжон, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, 1 гузаргоҳи кӯчаи Ғафуров 6/2, ҳ. 33, санаи 31.05.2017, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ, А04234324, ба номи Кенҷаев Умед Зокирович, ки санаи 20.04.2022 аз ШВКД-2 ноҳияи Шоҳмансур дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ДТО №0124945, рақами қайд №384, ба номи Нуралиев Бахтовар Пирмаҳмадович, ки соли 2012 аз Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Кониева Давлатбуби Юсуповна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, маҳаллаи Навобод 48, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Гореева Зинаида Мировна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Р. Набиев, бинои 226, ҳ. 23, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯш таҳти реестри №8Д-712, аз санаи 15.02.2002 ба номи Гореева Зинаида Мировна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Р. Набиев, б 226, ҳ. 23, ки дар нотариуси калони давлатии Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Сино ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ, №8562, аз санаи 13.10.2010 ва дафтари ҳавлӣ ба номи Мухтори Бижан, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур, кӯчаи Афзалӣ, хонаи 35, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шартномаи хариду фурӯши хонаи истиқоматӣ таҳти феҳрасти 1Ш-76, ки аз санаи 18.11.2016 аз тарафи Идораи нотариалии давлатии н. Файзобод ба номи Муратов Мехруд Иминчонович бо суроғаи н. Файзобод, ҷамоати деҳоти Чашмасор, деҳаи Ғуломдавлат ба расмият дароварда шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлидорӣ ба номи Маджидов Тавар, ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Навобод 31, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дафтари ҳавлидорӣ ба номи Шарипов Худойдод Маҳманазарович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Гипрозем 36, ҳ. 87, дар асоси шартномаи хариду фурӯши квартира аз 14.06.2025 таҳти феҳристи №6-2450, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11 Т-АТУ №0688244, ба номи Шоасалов Аминҷон Аҳтамович, ки солҳои 2018-2019 аз ҷониби МТМУ №10-и ноҳияи Рӯдакӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатномаи махсус ба номи Худойназарова Саодат, РЯМ: 0730022407, РМА: 075145389, ки аз 01.04.2003 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

Зодрӯз муборак!




Дӯсти азизи мо Рабизода Изатулло! Шуморо бо зодрӯзатон табрику таҳният гуфта, аз даргоҳи Ездони пок бароятон тансиҳатӣ, умри бардавом, сари баланд ва дар кору фаъолиятатон комёбиҳои беназирро таманно дорем. Бигузор ҳамеша чун кӯҳҳои Помир сарбаланд бошед.

Аз номи дӯстон

БАРҲАМ МЕХӮРАД

► ҶДММ "Артерия", №0725090, РЯМ: 0410011626, РМА: 040031364, фаъолияташро қатъ менамояд. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.



ФУТБОЛ

БОЗИИ ТОҶИКИСТОНУ МАЛДИВ ДАР ХУҶАНД БАРГУЗОР МЕШАВАД



Дастаи мунтахаби футболи Тоҷикистон тирамоҳи имсол бо дастаи мунтахаби Малдив дар Хуҷанд вомехӯрад.

Федератсияи футболи Тоҷикистон макони баргузории бозии хонагии тими миллии кишварро дар даври сеюми марҳилаи интихобии Ҷоми Осиё-2027 дар гурӯҳи «А» муайян кард. Бозии Тоҷикистону Малдив рӯзи 9-уми октябр дар варзишгоҳи «20-солагии Истиқлолият»-и шаҳри Хуҷанд баргузор шуда, соати 18:00 оғоз мешавад. Интихоби шаҳри Хуҷанд ҳамчун макони баргузории бозии тими миллии Тоҷикистон аз ташаббусҳои Федератсияи футболи Тоҷикистон барои таблиғи футбол дар манотиқи мухталифи кишвар ва ба мухлисон фароҳам овардани дастгирӣ аз дастаи мунтахаби Тоҷикистон аст. Дар Варзишгоҳи «20-солагии Истиқлолият»-и шаҳри Хуҷанд қаблан бозиҳои байналмилалӣ, аз ҷумла бозиҳои интихобии Ҷоми ҷаҳон, Ҷоми КФО ва ҳамчунин вохӯриҳои дӯстона миёни дастаҳои миллии гуногуни Тоҷикистон баргузор шуда буданд.

ҶОМИ ТОҶИКИСТОН

ҚУРЪАКАШИИ МАРҲИЛАИ ҲАШТЯКНИҲОЙ БАРГУЗОР ШУД

22-юми июл дар Душанбе қуръакашии Ҷоми футболи Тоҷикистон-2025 баргузор шуд. Дар қуръакашӣ 16 даста ширкат ва ҳарифони худро маълум карданд.



Муборизаи барои дарёфти Ҷоми фахрӣ дар марҳилаи ҳаштякниҳоии Ҷоми Тоҷикистон миёни дувоздаҳ бошгоҳи Лигаи олӣ ва чаҳор дастаи Лигаи якум, ки дар натиҷаи марҳилаи муқаддамотӣ ба ин марҳила роҳ ёфтанд, оғоз мешавад.

Қуръакашии Ҷоми Тоҷикистон-2025 аз сӯи собиқ нимҳимоятгари маъруфи тими миллии Тоҷикистон Ҷамшед Исроилзода баргузор шуд. Ҳамин тавр дар даври ҳаштякниҳоӣ «Регар-ТадАЗ» бо «Барқчӣ», «Парвоз» бо «Ҳулбук», «Саройкамар» бо «Вахдат», «Равшан» бо «Сардор», «Эсхата» бо КМВА, «Истаравшан» бо «Ҳосилот», «Панеҷшер» бо «Вахш» ва «Хуҷанд» бо «Истиқлол» бозӣ мекунанд.

Бояд гуфт, ки имсол ҳар марҳилаи мусобиқаи Ҷоми кишвар аз як бозӣ иборат аст. Бозии ниҳоӣ дар варзишгоҳи «20-солагии Истиқлолияти Тоҷикистон»-и шаҳри Хуҷанд баргузор мешавад.

БОКС



ДАВЛАТ БОЛТАЕВ УНВОНИ ЧЕМПИОНИ «IBA.PRO INTERCONTINENTAL»-РО СОҲИБ ШУД

22-юми июл дар Рӯзи ҷаҳонии бокс дар Душанбе «Шоми бокс» баргузор шуд, ки дар он муштзанҳои тоҷик унвонҳои нав ба даст оварданду унвонҳои худро ҳимоя карданд.

Барандаи нишони биринҷии Бозиҳои олимпӣ, муштзани номвари тоҷик Давлат Болтаев (7-0) дар раунди аввал Соломон Адебайро (14-1) нокаут карда, унвони чемпиони «IBA.PRO Intercontinental»-ро соҳиб шуд.

Ҳамчунин, дар ин шом муштзани маъруфи тоҷик Баҳодур Усмонов (11-0) бо қарори доварон бар Кристофер Муафо (11-2) ғолиб дониста шуд, ки бо ин ӯ унвони қаҳрамонии «IBA.PRO Intercontinental»-ро ҳимоя кард.

Акмал Убайдов (8-0) бо қарори якдилонаи доварон бар Тайфур Алийев (3-1) аз Озарбойҷон пирӯзӣ ба даст овард. Некрӯз Салимов (2-0) бо қарори якдилонаи доварон бар Абдулазиз Абдупаттаев (3-1) аз Ӯзбекистон ғалаба кард. Дамир Муйбалихонов дар рақобати аввали касбӣ бо Гиоргӣ Капанадзе аз Гурҷистон мусовӣ кард.

ҶОМИ ОСИЁ-2026

ТОҶИКИСТОН МИЗБОНИ МАРҲИЛАИ ИНТИХОБӢ ЭЪЛОН ШУД

Конфедератсияи футболи Осиё кишварҳоеро, ки марҳилаи интихобии Ҷоми Осиё-2026 байни духтарони то 17-соларо мизбонӣ мекунанд, эълон кард.



Бозиҳои даври интихобӣ дар ҳашт кишвар: Тоҷикистон, Урдун, Қирғизистон, Мянмар, Арабистони Саудӣ, Сингапур, Тайланд ва Ветнам баргузор мешаванд.

Дар марҳилаи интихобии Ҷоми Осиё-2026 миёни духтарони то 17-сола 27 даста ширкат мекунад. Дар қуръакашӣ ҳашт гурӯҳ ташкил карда мешавад: се гурӯҳ аз чор даста ва панҷ гурӯҳ аз се даста иборат хоҳанд буд.

Марҳилаи интихобии Ҷоми Осиё-2026 миёни тимҳои наврасони то 17-сола аз 13 то 17-уми октябр баргузор мешавад. Рақибони дастаи духтарони Тоҷикистон дертар маълум мешаванд.

РЕЗААХБОР



«Истиқлол»-и Душанбе бо бозикун аз Русия Кирилл Суслов шартномаи яксола баст. Суслов аз рӯзи дуюми ҷамъомади таълимӣ, ки дар Беларус баргузор шуд, дар ҳайати даста аст ва дар вохӯрии санҷишӣ бо тими «БАТЭ» 90 дақиқа дар майдон буд. Ӯ дар дастаҳои «Факел», «Сочи», «Луч» ва «Сокол» (ҳама аз Русия) бозӣ кардааст. Кирилл Суслов дар «Истиқлол» бо рақами 15 бозӣ мекунад.

***

Ҳиндустон мизбони Ҷоми ҷаҳонии FIDE 2025 хоҳад шуд, ки аз 30-юми октябр то 27-уми ноябр баргузор мегардад. Дар мусобиқа 206 шатранҷбоз ширкат хоҳанд кард ва формати он - олимпӣ (knockout) хоҳад буд. 50 шатранҷбози беҳтарин аз марҳилаи аввал озод мешаванд. Ҳар марҳала се рӯз идома мекунад: ду бозии классикӣ ва дар ҳолати зарурат - тайбрейк дар рӯзи сеюм. Се ғолиби беҳтарин роҳхат ба Мусобиқаи довталабони FIDE 2026 мегиранд, ки рақиби Чемпиони ҷаҳонии шатранҷро муайян мекунад.

***

Паҳлавони куштии тарзи озоди Тоҷикистон Магомед Евлоев дар мусобиқаи бонуфузи рейтингии «Ёдбуди Пойяк Имре ва Варга Янош», ки дар Будапешт баргузор шуд, медали нуқра ба даст овард. Евлоев дар вазни 79 кг аввал намояндаи Олмон Лукаш Марко Кантомро (4:1) шикаст дод. Баъд бар паҳлавони ҳиндӣ Чандермоҳан Чандермоҳан пирӯз шуд. Дар нимфинал паҳлавони Юнон Георгиос Коугиумсидисро шикаст дод. Дар финал аз гурҷӣ Владимир Гамкрелидзе бо ҳисоби 0:5 мағлуб шуд.



ХАСИС ВА ҶӮГӢ

Рӯзе ҷӯгие назди дарвозаи боҳашаммате истода, онро хеле кӯфт. Соҳиби хона, ки марди хасис буд, берун омад ва бо хашм гуфт:

- Чӣ мехоҳӣ?

Ҷӯгӣ:

- Садақа диҳед, дуо мекунам, давлататон зиёд шавад.

Хасис:

- Аҷабо, ту-ку аз ман доротарӣ! Мошин дорӣ, ҷоҳу ҷалол... ҳамаро дорӣ...

- Дуруст мегӯед, раис,- тасдиқ кард ҷӯгӣ.

- Пас бирав аз ин ҷо, шарм кун!,- хасис хост дарро ба рӯйи ҷӯгӣ пӯшад.

- Сабр кунед, раис, як чизро фаромӯш кардед! Аввал садақа диҳед, баъд мегӯям,- исрор кард ҷӯгӣ.

Хасис дид, ки роҳи халосӣ нест, чанд танга аз ҷайбаш бароварда ба ҷӯгӣ дод. Ҷӯгӣ хайрро гирифта, гуфт:

- Се зан доштнамро нагуфтед!

САВОЛ БА МУАЛЛИМИ ҶУҒРОФИЯ

Дарси ҷуғрофия. Муаллим чунин суолҳо медиҳад:

- Оё Баҳри Сиёҳ ҳамеша сиёҳ аст?

- Оё Уқёнуси Ором ҳамеша ором аст ё баъзан ноором ҳам мешавад?

- Баҳри Мурда ягон бор зинда намешавад?

МУНТАЗИР НАШАВ

Раиси иттифоқи касаба Секинакро, ки аксар вақт ба кор дер меомад, огоҳ кард:

- Бори сеюм мебинам, ки ба кор дер меоӣ! Соат 10 шудаасту ҳанӯз дари шуъбаатон баста.

- Ин дафъа маро мунтазир нашуда калидро аз дарбон гиред!,- гӯён худаш ба назди сардор, ки хешаш буд, даромад.

КУЛОҲ

Рӯзе завҷааш аз Муросокор пурсид:

- Чаро шумо бо либоси нав ба сар кулоҳи куҳна монда мегардед?

Муросокор:

- Ҳар гоҳ сардорамон нав шавад, кулоҳи сарамро иваз мекунам.

Э. КАМОЛЗОДА

ХОТИРА

Ҷавоне дар мулоқоти ошиқона ба духтар мегӯяд:

- Малоҳат, дар канори шумо ман ҳамаро фаромӯш мекунам.

Духтар бо қаҳр:

- Ман Омина ном дорам.

Ҷавон мегӯяд:

- Акнун ба гапам бовар кардед?

МАОШ

Ду рафиқ вомехӯранд:

- Хайр, ҷои кори нават чӣ хел?

- Олиҷаноб! Мисли кайҳоннавардон маош мегирам!

- Наход? Маблағи калон медиҳанд?

- Не, дар ним сол як маротиба!

СОЛИ ХУШБАХТӢ

Зан ба шавҳар:

- Мардак, аз оиладоршавия- мон чанд сол сипарӣ шуд?

Шавҳар:

- Понздаҳ сол.

Зан:

- Чанд соли он хушбахт будӣ?

Шавҳар:

- Як сол.

Зан ҳайрон шуда:

- Чаро понздаҳ сол не?

Шавҳар дар ҷавоб:

- Як сол ман дар сафар будам.

ҲАСИБ

Харидоре дар мағоза аз фурӯшанда мепурсад:

- Ако, ҳасибатон табиӣ аст?

Фурӯшанда:

- Албатта! Бе ягон иловаи кимиёвӣ.

Харидор:

- Дар таркибаш чӣ дорад?

Фурӯшанда:

- Асрори табиат.

АСКАРӢ

Писар аз падар мепурсад:

- Дада, шумо ба аскарӣ рафтаед?

Падар:

- Не, бачаҷон.

Писар:

- Барои чӣ?

Падар:

- Маро набурданд.

Писар:

- Чӣ хел?

Падар:

- Ҳеҷ ёфта натавонистанд.

КУМАК

Толибилм ба дарс дер меояд. Муаллима мепурсад:

- Воҳидҷон, чаро дер кардӣ?

- Марҳабо Азимовна, ман пиразанеро аз роҳ гузаронидам.

- Офарин Воҳидҷон. Лекин аз дарсамон 40 дақиқа гузашт. Наход ту то ҳол ба пиразан кумак кардӣ?

Толибилм дар ҷавоб:

- Охир, муаллимҷон, пиразан ҳеҷ аз роҳ гузаштан намехост!

Таҳияи Н. РАҶАБОВА

Сканворд

